*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №93-94 (2920-2921) | ШАНБЕ, 21 ИЮЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Гузориш аз сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ноҳияи Рӯдакӣ



**18 июли соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои шиносоӣ бо корҳои кишоварзӣ ва мулоқоту сӯҳбат бо мардум ба ноҳияи Рӯдакӣ ташриф овард.**

Тайи боздиди корӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолияти як зумра хоҷагиҳои деҳқонӣ, шабакаҳои обрасонӣ, як маркази илмию таҷрибавии Академияи илмҳои кишоварзӣ ва як корхонаи парвариши гулмоҳӣ шинос шуда, бо мардуми касбу кори гуногун мулоқоту сӯҳбатҳо анҷом дод.

Таваҷҷуҳи асосӣ ба истифодаи пурсамари заминҳои корам, хусусан заминҳои обӣ, рӯёнидани ду ва зиёда ҳосил, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва таъмини фаровонию арзонӣ дар бозори истеъмолӣ ва амнияти озуқаворили кишвар зоҳир гардид.

Боздиди Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз деҳаи Мирзочули деҳоти «Чоряккорон» оғоз ёфт. Дар ин ҷо Президенти кишвар ва ҳайати ҳамроҳи ӯ нахуст бо самараи заҳмати деҳқонони хоҷагии деҳқонии «Ҳайдар» шинос шуданд. Тавре зикр гардид, хоҷагии деҳқонии «Ҳайдар» навташкил буда, дорои 72,5 гектар замин аст ва 52,5 гектари он обӣ мебошад. Аз 42 гектар замини ғаллаи обӣ, ки ҳоло мавсими дараваш дар авҷ аст, ба ҳисоби миёна 36 сентнерӣ ҳосил ҷамъоварӣ доранд. Қариб 6 гектар замини обӣ бояд кишти такрорӣ карда шавад. Аҳли ин хоҷагӣ асосан заминҳои қаблан лалмии ташналабро шодоб намуда, мавриди истифодаи босамар қарор додаанд, ки боиси хушнудии мардуми деҳоти атроф гардидааст, зеро нафарони зиёде дар ин ҷо соҳиби кор шудаанд.

Аҳли ин хоҷагӣ дар майдони 7,5 гектар боғу токзори нав бунёд намуда, аз миёни қаторҳои он аллакай ҳосили зағер ҷамъоварӣ кардаанд ва дубора тарбузу харбуза ва каду коридаанд, ки намунаи хуби истифодаи босамари замини обӣ аст.

Хоҷагии дуюме, ки дар деҳаи Мирзочул мавриди таваҷҷуҳи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифт, бо номи «Фарҳод» маъруф аст.

Аҳли ин хоҷагӣ низ аз фаъол шудани обкашҳои барқии ин мавзеъ ва шодоб гардидани заминҳояшон басо сипосгузоранд, зеро бо ин самараи корашон ва ризқу рӯзии 55 нафар аъзо афзудааст. Тавре зикр гардид, аз 85 га замини хоҷагӣ дар 80 гектараш пахта кишт шудааст ва аҳли заҳмат аз маҳсули корашон умеди зиёд доранд. Аз ҳар гектар замини ғаллаи обӣ, ки ҷамъулҷамъ панҷ гектарро ташкил медиҳад, 35 сентнерӣ ҳосил ғундошта, дар ҷойи он сабзавоту полезӣ кишт намудаанд.

Сипас, боздиди кории Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Ҷомии деҳоти «Чимтеппа» идома ёфт.

Дар ин ҷо нахуст майдони ҷуворимакка барои дони хоҷагии деҳқонии «Некрӯз» мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Тавре иттилоъ дода шуд, аҳли заҳмати хоҷагӣ дар майдони 10 гектар тухмии серҳосили ҷуворимакка кишт намуда, бовар доранд, ки аз ҳар гектараш 100 сентнерӣ дон ҷамъоварӣ мекунанд.

Аҳли деҳаи Ҷомӣ бо сипосгузорӣ иттилоъ доданд, ки роҳбари хоҷагии деҳқонии «Некрӯз» бо ҳамроҳии як соҳибкори дигари маҳаллӣ аз ҳисоби фоидаи софашон дар ин деҳа як мактаби нави замонавӣ барои 600 нафар хонанда бунёд намуда, 4 км роҳҳои маҳаллиро навсозӣ кардаанд.

Дар хоҷагии деҳқонии «Фирӯз»-и ҳамин деҳа кишти



такрорӣ ба таври намунавӣ ба роҳ монда шудааст. Аҳли ин хоҷагӣ аз ҳар гектар замини ғаллаи обӣ 40 сентнерӣ ҳосил ҷамъоварӣ намуда, дар ҷойи он такроран зироатҳои сабзавоту полезӣ мекоранд. Кишти такрории лӯбиё дар як қитъа замини он бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон оғоз ёфт.

Аз 22 гектар замини хоҷагӣ дар 10 гектараш пахта кишт шудааст. Онҳо соли гузашта аз ҳар гектар пахта 33 сентнерӣ ҳосил ҷамъ оварда буданд. Имсол умед доранд, ки ҳосил аз порсола бештар мешавад.

Дар деҳаи Очамайлии деҳоти «Чортеппа» Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо кори Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби «Абдуллосаркор» бевосита шинос шуд. Тавре зикр гардид, ин ассотсиатсия ба 147 гектар замини корам, ки дар он беш аз 200 нафар дар 27 хоҷагии деҳқонӣ ва 64 қитъа замини президентӣ машғули кори деҳқонианд, об медиҳад. Ҳамкории мақомоти таъминкунандаи барқу об ва хоҷагиҳои деҳқонӣ тарзе ба роҳ монда шудааст, ки ҳеҷ мушкилии ҷиддӣ пеш намеояд. Тибқи иттилои масъулин ноҳияҳои Рӯдакию Ҳисор маблағи истифодаи обро сари вақт пардохт мекунанд ва аз муассисаҳои ин соҳа қарздор нестанд.

Аз ин ҷо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба деҳаи Маҳмадшои Болои деҳоти «Сарикиштӣ» ташриф оварда, бо фаъолияти Маркази миллии захираҳои генетикии зироатҳои Академияи илмҳои кишоварзӣ шиносоӣ пайдо намуд. Чуноне иттилоъ дода шуд, олимону мутахассисони ин марказ бо ҳамтоёни хориҷии худ ва хоҷагиҳои кишоварзии кишвар ҳамкории пурсамар ба роҳ монда, тухмии тамоми навъҳои қадимаи қариб нестшудаи зироатҳо, аз ҷумла навъҳои гуногуни гандуму ҷавро ҷамъоварӣ, эҳё ва барои даҳсолаҳою садсолаҳои оянда захираю нигаҳдорӣ мекунанд. Онҳо, аз ҷумла тухмии 1022 навъи гандум ва 624 навъи ҷави маҳаллии камёфтро эҳё намуда, барои нигаҳдории садсола ба захирагоҳи махсуси Норвегия фиристодаанд. Ҳамчунин тухмии беш аз 2,5 ҳазор навъи растаниҳои кишвари офтобии мо дар захирагоҳи махсусе дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия нигаҳдорӣ мешавад, ки ҳамагӣ моли Тоҷикистон мебошанд. Ин захирагоҳи Маркази миллии захираҳои генетикии зироатҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон бошад, ҳоло имкон дорад, ки тухмиҳои нодирро то 50 сол дар яхдонҳои махсуси дорои 18 дараҷа сардӣ нигаҳдорӣ намояд. Дар ин ҷо тухмиҳои нодири маҳаллии 32 намуди харбуза, 77 навъи лӯбиё, 82 намуди нахӯд, 40 намуди мош барои наслҳои оянда



захира карда шудаанд. Дар ин марказ ҳамчунин ҳашт ҳазор намуд дарахтони мевадиҳанда аз нав эҳё карда шудааст. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба кори олимони ҷавони соҳа таваҷҷуҳ зоҳир намуда, доир ба таълиму тарбияи босифати онҳо ба масъулин супоришҳои мушаххас дод. Онҳо низ дар навбати худ аз зиёдшавии тадриҷии маоши кормандони соҳаи илм ва ғамхории Давлату Ҳукумат изҳори хушнудӣ карданд.

Зимни боздид аз хоҷагии деҳқонии «Ҳисор»-и деҳаи Дарёободи ноҳияи Рӯдакӣ, аз ҷумла зикр гардид, ки он дорои 306 гектар замин мебошад ва 140 гектари он обӣ аст. Тавре роҳбари хоҷагӣ Файзулло Зокиров иттилоъ дод, ин хоҷагӣ дар тобеияти Иттифоқи «Тоҷикматлубот» қарор дошта, асосан ба сабзавоткорӣ машғул аст. Саҳми намоёни ин хоҷагӣ дар таъмини фаровонӣ ва арзонии сабзавот дар пойтахти кишвар, ки тавассути гӯшаҳои он дар чанде аз бозорҳо ва ярмаркаҳои фурӯш гузошта мешавад, таъкид гардид. Тавре иттилоъ дода шуд, ҳар рӯз аз заминҳои ин хоҷагӣ 3,5-4 тонна сабзавот ба бозорҳои пойтахт ворид мегардад.

Дар деҳаи «Чимтеппа» Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо кори Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Гулмоҳӣ» шинос шуд. Тавре иттилоъ дода шуд, корхонаи парвариши гулмоҳӣ бо саҳмгузории муштараки соҳибкорони тоҷику эронӣ ташкил ёфта, дар таъмини бозори истеъмолӣ бо маводи нодири ғизоӣ қадамҳои нахустин мегузорад. То ин рӯз аз ин корхона беш аз 1,5 тонна гулмоҳӣ ба фурӯш рафта, зиёда аз 4 тоннаи дигар барои пешкаш ба харидорон омода аст. Парвариши моҳӣ дар ин ҷо тавассути технологияи нав бо истифода аз оби зеризаминӣ, ки тобистону зимистон ҳарорати якхелаи 15 дараҷа дорад, ба роҳ монда шудааст.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти ривоҷ додани кори ин соҳаро махсус таъкид намуда, ба масъулин барои зиёд намудани парвариши гулмоҳӣ ва барои ин корхона ҷудо намудани нуктаҳои фурӯши моҳӣ дар бозору мағозаҳои пойтахт дастуру ҳидоятҳо дод.

Сипас, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба деҳаи Оли Сомони деҳоти «Зайнабобод» ташриф оварда, заминҳои офтобпараст ва пахтаи хоҷагиҳои деҳқонии «Баракат» ва «Хуршед»-ро аз назар гузаронд.

Дар хоҷагии «Баракат», аз ҷумла зикр гардид, ки аҳли заҳмати он ду сол боз кишти офтобпарастро васеъ ба роҳ монда, аз заминҳои обӣ ду ҳосил мерӯёнанд ва аз ду кишт беш аз 50 сентнерӣ аз ҳар гектар дон ҷамъоварӣ мекунанд. Дони офтобпарастро онҳо ба хориҷи кишвар барои истеҳсоли равған ва ҳалво содир мекунанд. Бо маслиҳати Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон роҳбари хоҷагӣ Маҳмадҷон Шоев уҳдадор шуд, ки то моҳи сентябри соли равон як сехи коркарди дони офтобпараст ва истеҳсоли равғану ҳалвои онро ба роҳ мемонад ва 25 нафари дигарро бо кор таъмин менамояд.

Шуғли асосии аҳли хоҷагии «Хуршед» бошад, асосан пахтакорӣ аст. Онҳо дар майдони 240 гектар пахта кишт намуда, бовар доранд, ки аз ҳар гектараш зиёда аз 36 сентнерӣ ҳосил ба даст меоранд. Аҳли заҳмати ин хоҷагӣ ҳамчунин бо ғаллакорӣ, парвариши дигар навъи зироатҳо ва чорводорӣ машғуланд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз хоҷагиҳои зиёди ноҳияи Рӯдакӣ нақши муҳими ин ноҳияро дар таъмини фаровонию арзонӣ дар бозори истеъмолии пойтахт махсус таъкид намуда, ба роҳбарияти ноҳия барои бо масъулияти баланд адо намудани ин вазифаи муҳим, аз ҷумла дар моҳи шарифи Рамазон ва дар давраи тирамоҳу зимистони оянда супоришҳои мушаххас дод.

***www.prezident.tj***

---

**● Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**



## Ба фазои ҳуқуқӣ се қонуни нав ворид гардида, чанд маҳалли аҳолинишин тағйири ном кард

**Нуздаҳуми июли соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор шуд.**

**РАИС: -Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мувофиқи маълумоти пешакӣ, аз 33 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ 33 нафар дар толор иштирок доранд. Бо мақсади бори дигар дақиқтар намудан аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоем, ки бо истифода аз системаи электронӣ аз қайд гузаред. Марҳамат.

Ҳоло дар толор 33 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ ҳузур доранд.

Дар Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ - намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Прокурори генералӣ, раиси Бонки миллии Тоҷикистон, раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доранд. Ҳамчунин намояндагони воситаҳои ахбори омма, ки ба иҷлосия даъват шудаанд, дар толор ҳузур доранд.

**Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мутобиқи моддаи 20 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро кушода эълон менамоям.

*(Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад)*

**РАИС: -Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мутобиқи моддаи 25 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо лозим аст котиботи Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро интихоб намоем. Оид ба ин масъала ба таваҷҷуҳи шумо матни лоиҳаи қарори зерин пешниҳод мешавад:

Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бораи котиботи Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум

Мутобиқи моддаи 25 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Котиботи Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум дар ҳайати зерин интихоб карда шавад:

**Раиси котибот:**

Абдуллоев Иброҳим Ғоибназарович




**Аъзои котибот:**

Кенжекулова Ҷамила Сатибалдиевна

Солиҳов Баҳридин Тоҷидинович.

Чӣ гуна таклифҳо доред? Лоиҳаи қарори зикршударо ба овоз мемонам. Марҳамат, мавқеи худро муайян намоед. *Қарор қабул шуд.* Аз аъзои Маҷлиси миллӣ, ки ба ҳайати котибот интихоб шуданд, хоҳишмандам ба ҷойи кориашон гузаранд.

**Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба мо лозим аст, ки рӯзномаи Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро тасдиқ намоем. Лоиҳаи қарор оид ба ин масъала дар дасти шумо ҳаст. Чӣ гуна таклиф доред? Лоиҳаи қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум»-ро ба овоз мемонам. Марҳамат, мавқеи худро муайян намоед.

Бо дарбаргирии масъалаҳои зерин қарор қабул шуд:

**1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм»**

**6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат»**

**9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ»**

**10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»**

**11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ»**

**12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот»**

**14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо»**

**15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат»**

**16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ»**

**17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам»**

**19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ»**

**20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»**

**21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат»**

**22. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**23. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**24. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ»**

**(Идома дар саҳ. 3)**

# Касе ба Ваҳдати миллӣ ва ҷовидонагии он шубҳа дорад, имон надорад

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону мутахассисон ва фаъолони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ**

*ш. Ваҳдат, 19 июли соли 2012*





**Ҳамдиёрони гиромӣ!**
**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Мо рӯзи гузашта ва субҳи имрӯз бо ҷараёни иҷрои фармону амрҳо ва дастуру супоришҳои Роҳбари давлат, қарорҳои Ҳукумати мамлакат оид ба рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Рӯдакӣ ва шаҳри Ваҳдат шинос шудем.

Дар ин раванд мо итминон ҳосил кардем, ки бо заҳмати аҳлонаи кишоварзони асилу меҳнатдӯстамон имсол ҳосили фаровонии ҳамаи навъҳои зироатҳои кишоварзӣ рӯёнида шудааст ва ҳоло онҳо дастаҷамъона ба ҷамъоварии ҳосил ва кишти такрорӣ машғуланд.

Аз ин рӯ, тасмим гирифтем, ки имрӯз бо шумо мулоқот доир намуда, масъалаҳои таъмини рушди минбаъдаи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро таҳлилу баррасӣ кунем ва ҳамзамон бо ин, вазифаҳои минбаъдаро доир ба татбиқи барномаҳои қабулшудаи давлатӣ, аз ҷумла дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ бори дигар мавриди муҳокима қарор диҳем.

Тибқи маълумоти оморӣ дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳаҷми истеҳсоли маҷмӯи маҳсулот беш аз 2 миллиард сомониро ташкил карда, суръати рушди он ба 103,5 фоиз баробар гардидааст.

Бо вуҷуди дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барзиёд таъмин гардидани нақшаи даромади буҷет дар ин самт ҳоло ҳам имконияту захираҳои истифоданашуда зиёданд.

Ба ҳолати 1 июли соли ҷорӣ ҳаҷми бақияпулиҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нисбат ба аввали сол 3 миллион сомонӣ кам гардидааст.

Вале маблағи умумии бақияпулиҳои андоз ҳоло ҳам зиёд буда, беш аз 41 миллион сомониро ташкил менамояд ва афзоиши онҳо дар ноҳияҳои Ҳисору Ҷиргатол ва Нуробод Тавилдара мушоҳида мегардад.

Бинобар ин, раисони шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда якҷоя бо роҳбарони сохтору мақомоти дахлдор ҷиҳати пайдо намудани сарчашмаҳои нави даромад ва иҷрои пурраву сифатноки Буҷети давлатӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Бояд таъкид намуд, ки иҷрои барзиёди буҷети давлатӣ омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мебошад.

Тавре ки аз таҳлили хароҷоти маблағҳои буҷетӣ бармеояд, як қатор соҳаҳо, аз ҷумла соҳаҳои маорифу тандурустӣ дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб, Ҳисор, Нуробод, Тоҷикобод ва Шаҳринав пурра маблағгузорӣ карда нашудаанд.

Ҳамзамон бо ин, зимни санҷиши иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар шаҳрҳои Турсунзода ва Роғун беш аз 2,3 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор карда шудааст.

Махсус таъкид менамоям, ки ҳар як роҳбару корманди сохтору мақомоти давлатӣ бояд масъалаи хароҷоти мақсадноку сарфакорона ва шаффофи маблағҳои буҷетиро зери назорати доимӣ ва қатъӣ қарор диҳад.

Маҳз бо мақсади беҳтарсозии шароити зиндагии сокинони мамлакат, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ноилшавӣ ба рушди устувори соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар Паёми имсолаи Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олӣ масъалаи рушди соҳибкорӣ чун яке аз масоили марказӣ қарор дода шуд.

Дар давоми нимсолаи аввали соли равон аз тарафи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкории шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ беш аз 240 миллион сомонӣ қарзҳои хурд ҷудо карда шудаанд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 30 фоиз зиёд мебошад.

Бо дарназардошти неруи бузурги созандаи соҳибкорон бори дигар таъкид месозам, ки роҳбарони шаҳру ноҳияҳо якҷоя бо сохтору мақомоти дахлдор ҷиҳати бартарафсозии монеаҳои рушди соҳибкорӣ ва дастгирии ташаббусҳои созандаи онҳо ҳамаи чораҳои зарурӣро амалӣ намоянд.

Ҳукумати кишвар ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои миллии стратегиамон, яъне таъмини истиқлолияти энергетикиву амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ бахшидани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ бо истифода аз захираву имкониятҳои дохилӣ ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ пайваста чораҷӯӣ намуда истодааст.

То 1 июли соли 2012 дар мамлакат дар доираи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ 9,2 миллиард сомонӣ аз худ карда шудааст, ки аз ин ҳисоб танҳо дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар доираи 20 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, кишоварзӣ, энергетика, нақлиёт, таҳкими гумрук ва рушди инфраструктура, барқарорсозии шабакаҳои ирригатсионӣ беш аз 1,4 миллиард сомонӣ аз худ карда шудааст.

Сохтмону азнавсозии роҳҳои мошингард ва нақбу пулҳо дар самти Душанбе – Чанак тавассути ноҳияи Варзоб, Душанбе – Данғара - Кӯлоб, Кӯлоб – Шӯрообод – Дарвоз, Қӯрғонтеппа– Дӯстӣ, Душанбе – сарҳади Қирғизистон ва Душанбе – Турсунзода, ки ҳоло идома дорад, имкониятҳои нақлиётиву транзитии кишварро ба таври куллӣ беҳтар мегардонад.

Дар робита ба ин, Вазорати нақлиёт, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар сохтору мақомоти давлатиро зарур аст, ки назорати татбиқи сифатноки лоиҳаҳо ва истифодаи мақсадноки маблағҳои онҳоро таъмин намоянд.

Илова бар ин, Вазорати нақлиёт ва роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии кишвар вазифадоранд, ки масъалаи таъмиру тармими роҳҳои дохили шаҳру ноҳияҳо, байни ноҳияҳо ва ҷамоату деҳот, инчунин нигоҳубини роҳу пулҳо ва истифодабарии дурусти онҳоро мунтазам назорат намоянд.

**Дӯстони азиз!**

Ҳарчанд ки дар давоми нимсола корхонаҳои саноатии мамлакат ба маблағи қариб 4,5 миллиард сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда, афзоиши онро нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12 фоиз таъмин намудаанд, вале суръати фаъолияти корхонаҳои саноатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав, Ваҳдат ва Турсунзода хеле суст шудааст.

Агар дар шаҳри Турсунзода камшавии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҳисоби ширкати «ТАЛКО» ба вуҷуд омада бошад, пас дар шаҳру ноҳияҳои дигар аз 175 корхонаи саноатии мавҷуда 52 корхона умуман фаъолият накардааст.

Аз ин рӯ, Вазорати энергетика ва саноат ва раисони шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки ҷиҳати амалӣ намудани нақшаву барномаҳои соҳавӣ, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва диверсификатсияи истеҳсолот, таъмини фаъолияти мураттаби корхонаҳои саноатӣ ва афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, инчунин бунёди иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, дар навбати аввал корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ тавассути ворид намудани технологияҳои замонавӣ ва бо ин роҳ ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Яке аз самтҳои асосии рушди соҳа ба роҳ мондани коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла коркарди пурраи нахи пахта, пилла, маҳсулоти чорво ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ мебошад ва дар ин самт зарур аст, ки ҷиҳати амалӣ намудани барномаҳои рушди соҳаҳои зикршуда чораҳои таъхирнопазир андешида шаванд.

Бо мақсади ҳар чӣ бештар коркард намудани меваю сабзавоти ватанӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат аз ҷониби Ҳукумати кишвар «Барномаи давлатӣ оид ба афзун намудани имконияти содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот барои солҳои 2010 – 2012» қабул гардидааст, вале таъмини иҷрои он дар як қатор маҳалҳо, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Рӯдакӣ, Файзобод ва Рашт ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Бинобар ин, раисони шаҳру ноҳияҳо ва роҳбарони вазорату идораҳо вазифадоранд, ки амалишавии барномаҳои соҳавию маҳаллиро дар шаҳру ноҳияҳо зери назорати қатъӣ қарор дода, иҷрои онҳоро дар мӯҳлатҳои муқарраршуда таъмин намоянд. Зеро рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар аз иҷрои саривақтии нақшаву барномаҳои қабулшуда вобастагии калон дорад.

Дар марҳилаи ҳозираи тараққиёти мамлакат инкишоф додани соҳаҳои саноату энергетика яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумат, ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ ва роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад, зеро ин масъала дар пешбурди сиёсати иқтисодии кишвар мавқеи махсус дорад.

Аз ин рӯ, муҳимтарин коре, ки бояд аз ҷониби мутасаддиён дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад, бо воридоти технологияҳои пешрафта бунёд намудани корхонаҳои нави саноатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ба шуғли доимӣ ҷалб намудани шаҳрвандон, истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир ва таъмини бозори истеъмолии мамлакат мебошад.

Бо ин мақсад аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон Нақшаи амал оид ба бунёди корхонаҳои нави саноатӣ дар қаламрави мамлакат барои солҳои 2012-2013 тасдиқ карда шудааст, ки тибқи он дар соли 2012 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сохта, ба истифода додани 23 корхонаи саноатӣ пешбинӣ шудааст.

Тибқи санади мазкур то имрӯз дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ваҳдат, Рӯдакӣ, Варзоб, Ҳисор ва Шаҳринав дар маҷмӯъ 12 корхонаи саноатӣ сохта, ба истифода дода шудааст, ки дар онҳо 900 нафар шаҳрвандон ба кор фаро гирифта шудаанд. Вале ин нишондиҳанда назар ба имкониятҳои мавҷуда ҳоло ҳам кам аст.

Тибқи нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Президенти мамлакат, ки зимни сафари корӣ аз 2–4 октябри соли 2008 ба ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод, Ҷиргатол ва Тавилдара баён гардидаанд, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои зикршуда вазифадор шуда буданд, ки дар давоми солҳои 2009-2010 барои таъмин намудани бозори дохилӣ, инчунин содироти маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ба хориҷи кишвар доир ба бунёди корхонаҳои хурди коркарди меваю сабзавот чораҳо андешанд.

Вале тибқи маълумот то имрӯз доир ба ин масъала ягон иқдоми ҷиддӣ амалӣ нагардидааст.

Аз ин лиҳоз, роҳбарони ноҳияҳои зикршуда вазифадоранд, ки якҷоя бо вазорату идораҳои соҳавӣ иҷрои нақшаи бунёди корхонаҳои навро таъмин намуда, ҷиҳати дар мӯҳлатҳои пешбинишуда ба истифода супоридани онҳо чораҳои мушаххас андешанд.

Инчунин зарур аст, ки корҳои созандагӣ дар Корхонаи коркарди нафти хом дар ноҳияи Шаҳринав ва Комбинати металлургии Тоҷикистону Хитой дар ноҳияи Ҳисор вусъат бахшида шаванд.

Ҳамзамон бо ин, Вазорати энергетика ва саноат, ШСХК «Барқи Тоҷик» ва раисони шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки ҷиҳати таъмини ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон бо неруи барқ доир ба татбиқи Барномаи бунёди неругоҳҳои хурд дар мамлакат ҳамаҷониба чораҷӯӣ намоянд.

Аз ҷумла то саршавии мавсими зимистон ба истифода супоридани неругоҳҳои хурди «Тутак» бо иқтидори 586 киловатт ва «Тоҷ» бо иқтидори 125 киловатт дар ноҳияҳои Рашт ва Шаҳринав таъмин карда шавад.

Доир ба омодагии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба мавсими тирамоҳу зимистони дар пешистода роҳбарони вазорату идораҳо, раисони шаҳру ноҳияҳо, ҷамоату деҳот ва дигар сохтору мақомотро зарур аст, ки масъалаҳои зиёд кардани истеҳсоли ангишт, таъмиру тармими иншооти иҷтимоӣ, таъмин намудани муассисаҳои маорифу тандурустӣ ва дигар иншооти иҷтимоӣ бо маводи сӯхт, насби генераторҳои барқӣ дар иншооти ҳаётан муҳим, ҳар чӣ бештар ташкил намудани нуқтаҳои фурӯши газӣ моеъ ва ангишт, ҷамъоварии маблағи барқи истифодашуда ва таъмиру барқарорсозии дастгоҳу таҷҳизот ва шабакаҳои барқиро ҳал намоянд.

Муҳимтар аз ҳама, ба аҳолии шаҳру деҳот зарурати захираи дусолаи маводи озуқа ва омодагии ҳамаҷониба ба тирамоҳу зимистонро мунтазам фаҳмонанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Кишоварзӣ яке аз соҳаҳои ҳаётан муҳими иқтисоди миллии мо буда, сатҳи зиндагии аксарияти аҳолии шаҳру деҳот аз пешрафти он вобастагии калон дорад.

Бояд зикр намуд, ки аз аввали солҳои 2000-ум инҷониб нишондиҳандаҳои соҳаи кишоварзии мамлакат мунтазам зиёд гашта, мо ба сӯйи яке аз ҳадафҳои стратегии худ – таъмини амнияти озуқаворӣ кишвар қадамҳои устувор гузошта истодаем.

Бо вуҷуди зимистони тӯлонии сипаришуда, табиат имсол барои соҳаи кишоварзӣ шароити хеле мусоидро фароҳам овард.

Ҳоло дар натиҷаи азму талоши кишоварзони мамлакат ҳосили хуби ғалладона ва умуман ҳамаи навъҳои маҳсулоти кишоварзӣ рӯёнида шудааст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маблағи наздик ба 620 миллион сомониро ташкил кардааст, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,3 фоиз зиёд мебошад.

Вале ин суръати пешрафт нисбат ба захираву имкониятҳои мавҷуда ҳанӯз қонеъкунанда нест, зеро он дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои ҷумҳуриявӣ хеле паст мебошад.

Дар ин самт, пеш аз ҳама таъмини талаботи бозори дохилӣ ва мӯътадил нигоҳ доштани нархҳо аз заҳмати кишоварзони мамлакат, аз ҷумла заҳматкашони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳамчун ноҳияҳои наздишаҳрӣ вобастагии зиёд дорад ва бинобар ин, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки якҷоя бо сохторҳои маҳаллии Иттифоқи «Тоҷикматлубот» ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур ҳамаи чораҳои зарурӣро амалӣ намоянд.

Тибқи маълумот бо вуҷуди обу ҳавои мусоиди имсола дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат ва Варзоб суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда нашудааст.

Дар баробари ин, дар ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ҳисор, Тоҷикобод ва Нуробод майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ дар маҷмӯъ қариб 1200 гектар кам гардидааст.

Ҳамзамон бо ин, гарчанде дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводорӣ 7 фоиз зиёд шуда бошад ҳам, истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ 6 фоиз коҳиш ёфтааст.

Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли ғалладона дар мамлакат 102,7 фоиз таъмин гардида, қариб 400 ҳазор тонна ҳосил ҷамъоварӣ карда шудааст.

Вале дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ҳамагӣ 33 ҳазор тонна ғалладона ҷамъоварӣ карда шудааст, ки ин дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 69 фоизро ташкил медиҳад.

Аз ҷониби дигар, дар ин давра истеҳсоли картошка ва сабзавот дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нисбат ба соли гузашта мутаносибан 83 ва 92 фоизро ташкил дода, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Шаҳринав ва Ҳисор истеҳсоли картошка ва сабзавот кам гардидааст.

Бинобар ин, раисони шаҳру ноҳияҳо ва роҳбарону масъулони хоҷагиҳои кишоварзиро зарур аст, ки ҷиҳати ҳарчӣ зудтар ва беталаф ҷамъоварӣ намудани ҳосил ҳамаи имконияту воситаҳои заруриро сафарбар намоянд.

Ҳамзамон бо ин, барои таъмини кишти такрории зироатҳои кишоварзӣ чораҳои дахлдор андешида, пастравии истеҳсоли маҳсулоти дар боло зикршударо аз ҳисоби кишти такрорӣ бартараф намоянд.

Вазорати кишоварзӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ, роҳбарони шаҳру ноҳияҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ қатъиян вазифадор карда мешаванд, ки ба масъалаи парваришу захираи тухмии аълосифати ғалладонагиҳо эътибори аввалиндараҷа диҳанд ва аз соли оянда навъҳои тухмиеро кишт кунанд, ки ҳосилнокии онҳо дар заминҳои обӣ аз 50 сентнер кам набошад.

Мувофиқи маълумоти оморӣ то 1 июли соли ҷорӣ дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар масоҳати 3400 гектар кишти такрории зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2011-ум 2800 гектар кам мебошад. Аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 350 гектар, Ҳисор 50 ва Шаҳринав 85 гектар кишти такрории зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст.

Яъне, иҷрои нақша ҳамагӣ аз 12 то 30 фоиз таъмин карда шудааст, ки чунин ҳолат боиси нигаронии ҷиддӣ мебошад.

Мо доим таъкид мекунем, ки баланд бардоштани маданияти заминдорӣ, истифодаи самараноки ҳар як ваҷаб замин ва аз заминҳои обӣ гирифтани ду-се ҳосил дар як сол омили муҳимтарини таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ ва бо ашёи хом таъмин намудани корхонаҳои саноатӣ буда, ба ин васила масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, аз ҷумла ташкили ҷойҳои нави корӣ роҳи ҳалли худро пайдо менамоянд.

Хусусан идомаёбии бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ, гармшавии глобалии иқлим ва дар натиҷаи он зуд-зуд такрор шудани офатҳои гуногуни табиӣ, хушксоливу камобӣ ва торафт зиёдшавии аҳолии кураи замин масъалаи таъминот бо маҳсулоти озуқавориро ба проблемаи ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ мубаддал сохта истодааст.

Дар чунин шароит васеъ ба роҳ мондани кишти такрорӣ ва дар ҳар як оила таъмин карданӣ захираи дусолаи маҳсулоти озуқа, аз ҷумла ғалладонагиҳо, инчунин бо истифода аз фаровонии алафи табиии имсола ҳар чӣ бештар захира кардани хӯроки чорво аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳар як роҳбар ва ҳар як сокини мамлакат мебошад.

Мутобиқи нақшаи чорабинҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Роҳбари давлат ба Вазорати мелиоратсия ва захираҳои об, Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезӣ супориш шуда буд, ки дар ноҳияи Тавилдара дар давоми солҳои 2009-2010 ҷиҳати аз худ намудани 1600 гектар замини обӣ чораҷӯӣ намоянд.

Вале тибқи маълумот дар ин муддат аз ҷониби Вазорати мелиоратсия ва захираҳои об якҷоя бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҳамагӣ 100 гектар замин ва он ҳам дар асоси Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2006 обёрӣ шудаасту халос.

Бинобар ин, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва вазорату идораҳоро қатъиян огоҳ менамоям, ки ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳо оид ба азхудкунии заминҳои нав ва беҳтар намудани вазъи иқтисодиву иҷтимоии сокинони шаҳру ноҳияҳо ба саҳлангорӣ роҳ надиҳанд.

Зеро ин кор сарчашмаи даромади иловагӣ ба буҷети маҳаллӣ, ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар гардидани шароити зиндагии мардум мебошад.

Дар назди масъулони соҳаи кишоварзӣ вазифа гузошта шудааст, ки дар солҳои наздик истеҳсоли картошкаро ба як миллион тонна расонанд. Ин вазифа бояд иҷро карда шавад ва Тоҷикистон ба яке аз кишварҳои содиркунандаи картошка табдил ёбад, зеро бозори минтақа ба ин намуди маҳсулот ниёзи калон дорад.

Хотиррасон месозам, ки масъалаи мазкур зери назорати қатъӣ қарор дорад ва Вазорати кишоварзӣ ва раисони ноҳияҳои картошкапарвар дар ин самт бояд чораҳои заруриро амалӣ намоянд.

Тибқи маълумот дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» дар масоҳати беш аз 1 ҳазор гектар боғу токзори нав бунёд карда шудааст.

Бояд гуфт, ки ҳамасола барои бунёди боғу токзорҳои нав ва шинонидани дарахтони ороишиву сояафкан заҳмат ва маблағи зиёд сарф мегардад, вале мутаассифона, аз беаҳамиятии масъулини соҳа на ҳамаи боғу буттазорҳои бунёдгардида месабзанд ва фоида меоранд.

Бо ин мақсад Вазорати кишоварзӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва ташкилоту муассисаҳоро зарур аст, ки ба масъалаи нигоҳубин ва парваришу сабзонидани ниҳолҳои шинонидашуда диққати махсус диҳанд.

Соҳаи чорводорӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ яке аз соҳаҳои муҳиму сердаромади кишоварзӣ буда, барои рушди он шароити мусоид мавҷуд мебошад.

Ҳарчанд ки нишондиҳандаҳои истеҳсолии соҳа нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз 1 то 5 фоиз афзуда бошанд ҳам, вале ҳоло қонеъкунанда нестанд, зеро мо бо чунин суръати рушд худтаъминкуниро ба даст оварда наметавонем.

Тавре ки борҳо таъкид кардаем, асоси пешрафти ин соҳа беҳтар кардани зотпарварӣ мебошад. Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ шумораи хоҷагиҳои зотпарвар қариб ба 30 адад расида бошад ҳам, шумораи бисёр ками онҳо ба талаботи зотпарварӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Аз ин лиҳоз, Вазорати кишоварзӣ ва Академияи илмҳои кишоварзиро зарур аст, ки дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин ба талаботи зотпарварӣ ҷавобгӯӣ будани ин хоҷагиҳоро муайян намуда, пешниҳодҳои илман асоснокшударо доир ба ташкили шабакаи нави хоҷагиҳои зотпарвар, сарфи назар аз шакли хоҷагидориашон, манзур намоянд.

Таъмин намудани талаботи аҳолӣ бо тухм ва гӯшти истеҳсоли ватанӣ аз рушди ҳамаҷонибаи паррандапарварӣ вобаста мебошад. Дар иртибот ба ин, барои тараққӣ додани паррандапарварӣ зарур аст, ки ҷиҳати бо хӯроки омехтаи худӣ таъмин намудани корхонаҳои паррандапарварӣ чораҳои иловагӣ андешида шаванд.

Зеро дар Паёми имсолаи Президент ба Маҷлиси Олӣ дар назди масъулони соҳа вазифа гузошта шудааст, ки ҷиҳати дар панҷ соли оянда бо гӯшт ва шири истеҳсоли худӣ таъмин намудани аҳолии мамлакат тадбирҳои мушаххасро амалӣ намоянд.

Масъалаи дигари муҳими соҳаи кишоварзӣ истифодаи самараноки замин мебошад. Тибқи балански замин ба ҳолати 1 январи соли 2012 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ майдони заминҳои партов 1030 гектарро ташкил медиҳад, ки 650 гектари он замини обӣ мебошад.

Вобаста ба масъалаи мазкур борҳо таъкид менамоям, ки ҷиҳати ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои партов вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бояд чораҳои дахлдор андешанд.

Бо мақсади таъмин намудани ҳар як оилаи эҳтиёҷманд ба манзили зист бо қарорҳои Ҳукумати Тоҷикистон ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ қариб 7 ҳазор гектар замин ҳамчун қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ҷудо гардид, ки яке аз омилҳои муҳими ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ мебошад.

Вале масъалаи баррасии аризаҳои шаҳрвандон ва тақсимоти одилонаи қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба шахсони воқеан эҳтиёҷманд дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, аз ҷумла Ваҳдат, Шаҳринав ва Варзоб ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Бинобар ин, сохтору мақомоти дахлдор, роҳбарону масъулони шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳотро зарур аст, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла тақсимоти замин ба мардум муносибати одилонаву ҷиддӣ намоянд.

Дар робита ба ин, ба ҳамаи роҳбарон бори дигар масъалаи қабули шаҳрвандон ва баррасиву ҳалли мушкилоти онҳоро таъкид месозам ва хотиррасон менамоям, ки ба ин масъалаи бисёр муҳим эътибори ҷиддӣ диҳанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бар асари офатҳои табиӣ - боришоти барф, боронҳои зиёд ва омадани сел дар моҳҳои январ то июн ва заминларзаи рӯзи 13 майи соли ҷорӣ ба манзили зисти шаҳрвандон, иншооти иқтисодӣ ва соҳаи кишоварзиву чорводории шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, бахусус минтақаи Рашт хисороти калони моддӣ расидааст.

Дар натиҷа, 545 адад хонаҳои истиқоматӣ ба маблағи 5,5 миллион сомонӣ зарар дида, аз он 124 ададаш пурра хароб гаштааст.

Инчунин даҳҳо мактабу муассисаҳои томактабӣ, дармонгоҳу иншооти маданиву маишӣ, роҳҳои нақлиётиву пулҳо, хатҳои интиқоли барқ, шабакаҳои обёрӣ ва каналҳо, инчунин заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ, қитъаҳои наздиҳавлигӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ зарар дидаанд.

Тибқи ҳисоби мутахассисон маблағи умумии зарар аз офатҳои табиӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ беш аз 17 миллион сомониро ташкил дода, мутаассифона, 12 нафар одамон ба ҳалокат расидаанд.

Бинобар ин, ҳамаи сохтору мақомоти дахлдорро якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо зарур аст, ки ҷиҳати ҳарчи зудтар бартараф намудани оқибатҳои офати табиӣ ва минбаъд пешгирӣ кардани чунин ҳолатҳои фавқулодда тадбирҳои мушаххасро амалӣ намоянд.

Аз ҷониби дигар, ҷиҳати ҳар чӣ зудтар ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ ва иҷрои саривақтии нақшаҳои муҳоҷирати экологӣ ва дохилӣ чораҳои муассир андешида шаванд.

Инчунин ҷиҳати омода нигоҳ доштани селроҳаҳо ва соҳилҳои дарёҳо чораҷӯӣ карда шавад. Дар ин самт омодагии маҷрои дарёҳои Кофарниҳон ва Элок, каналу селпартоҳо, пешбурди корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ диққати ҷиддиро талаб менамояд.

Ҳамзамон бо ин, зарур аст, ки ҷиҳати иҷрои Барномаи давлатии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ чораҷӯӣ карда шавад.

Ҳамаи тадбиру чораҷӯиҳо ва азму талошҳои Ҳукумати мамлакат ба он равона шудаанд, ки шароити зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, музди меҳнату нафақаи шаҳрвандон зина ба зина баланд бардошта шавад.

Аз ин рӯ, ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки якҷоя бо субъектҳои хоҷагидор ҷиҳати пардохти саривақтии музди меҳнат ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта чораҳои мушаххас андешанд.

Инчунин ба роҳбарони шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки ҷиҳати дар мӯҳлатҳои муқарраргардида иҷро намудани Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии мамлакат ҳамаи имкониятҳоро сафарбар намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

То имрӯз дар қаламрави кишвар ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ, мубориза бо тамоми намудҳои он ва тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ ва хусусан ҷавонон як қатор барномаву стратегия ва нақшаҳои амал татбиқ гардида истодаанд.

Дар баробари ин, дар сатҳи дахлдор иҷро нагардидани санадҳои қабулшуда оид ба мубориза бо ҷинояткорӣ ба вазъи умумии ҷинояткорӣ таъсири манфӣ расонида, боиси афзоиш ёфтани сатҳи қонунвайронкунӣ, халалдор шудани тартиботи ҷамъиятӣ ва дар маҷмӯъ сабаби поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мешаванд.

Дар шаш моҳи аввали соли 2012 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1461 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки ин нисбат ба соли гузашта 102 адад ё 7 фоиз зиёд мебошад.

Ҳолатҳои пинҳон кардани ҷиноятҳо ҳоло ҳам ҷой доранд, ки ба ин васила аз ҷавобгарӣ дур мондан ва боз ҷиноятҳои вазнинтар содир намудани шахсони алоҳида ба мушоҳида мерасад. Дар шаш моҳ зиёда аз 50 ҷинояти пинҳонкардашуда ошкор ва ба қайд гирифта шудаанд.

Бо вуҷуди он ки дар тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат комиссияҳои кор бо ноболиғон, инчунин сохторҳои маҳаллии кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила фаъолият доранд, аммо чораҳои андешидаи мақомот барои дар сатҳи зарурӣ пешгирӣ намудани содиршавии ҷиноят бо иштироки ноболиғон ҳанӯз ҳам қонеъкунанда нест.

Ғайр аз ин, аз 125 нафар ноболиғони дар шаҳри Душанбе ҷиноят содирнамуда 57 нафарашон сокинони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошанд.

Аз ҷониби сохторҳои масъули мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мунтазам ба роҳ монда нашудани кор бо шахсони қаблан ҷиноятсодиркарда, ба меҳнати фоиданок ҷалб накардани онҳо ва умуман мавқеи бетарафиро ишғол кардани баъзе масъулону мутасаддиён нисбат ба тақдири чунин шахсон боиси такроран содир шудани ҷиноят гардидааст.

Вобаста ба ин масъалаҳо, ба Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои корҳои дохилӣ, маориф, кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ва оид ба дин супориш дода мешавад, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати пешгирӣ намудани қонуншиканӣ ва ҷинояткорӣ дар байни ноболиғону ҷавонон корҳои тарбиявӣ ва фаҳмондадиҳиро тавсеа бахшида, инчунин иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» -ро зери назорати доимӣ қарор диҳанд.

Масъалаи истифодаи оқилона ва самараноки замин дар маркази диққати Президенти кишвар ва Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад.

Вале тибқи маълумоти мавҷуда то ҳол дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳолатҳои аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронидани заминҳо, қабули қарорҳои ғайриқонунию беасос аз ҷониби раисони шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳо, ғайриқонунӣ мавриди хариду фурӯш қарор додани қитъаҳои замин, худсарона забт намудани заминҳои корами обӣ ва дар онҳо бунёд намудани иншооту хонаҳои истиқоматӣ зиёд мушоҳида мегарданд.

Танҳо дар ҳамин нимсола бо эътирози прокурорҳо 94 қарори раисони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бекор карда шуда, 32 гектар заминҳои худсарона ишғолкардашуда ба ҳолати аввала баргардонида шудаанд.

Баъзе аз кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ҷойи ошкор ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои худсарона ишғол намудани қитъаҳои замин худашон ба фурӯш ва талаву торочи замин даст мезананд.

Бинобар ин, Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, кумитаҳои давлатии амнияти миллӣ, заминсозӣ ва геодезӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ҷиҳати истифодаи оқилонаи замин ва тақсими одилонаву қонунии заминҳои ба аҳолӣ ҷудошаванда назоратӣ доимӣ бурда, инчунин барои пешгирӣ кардани қонуншиканиҳо дар ин самт чораҳои таъсирбахш андешанд.

**Дӯстони азиз!**

Барои ҳамаамон равшан аст, ки расму оинҳои миллӣ ва ҷашну маросимҳо дар ҳаёти фарҳангӣ ва моддиву маишии халқи мо таърихи басо тӯлонӣ доранд ва нақши онҳо ҳамчун қисми таркибии фарҳанги миллӣ дар тарбияи насли наврас хеле бузург мебошад.

Ҳаёт нишон дод, ки қонуни панҷ сол пеш қабулкардаи мо «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» иқдоми саривақтиву дуруст буда, риояи муқаррароти он боиси сол то сол баланд шудани сатҳу сифати зиндагии мардумамон гардида истодааст.

Аммо тибқи маълумот то ҳанӯз аз ҷониби баъзе сокинони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ин масъала ба қонуншиканӣ ва зиёдаравӣ роҳ дода мешавад.

Бинобар ин, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва маҳаллахонаҳо, инчунин масъулони бахши танзим бори дигар вазифадор карда мешаванд, ки барои риояи ҳатмии муқаррароти қонун аз ҷониби ҳамаи табақаҳои ҷомеа назорати доимиро ба роҳ монанд.

**Ҳамватанони азиз!**

Фардо моҳи шарифи Рамазон фаро мерасад. Ба ин муносибат ҳамаи шумо ва тамоми мардуми Тоҷикистонро бори дигар табрик мегӯям. Тавре ки дар паёми табрикии худ ба мардуми шарифи кишвар изҳор намудам, моҳи Рамазон – моҳи раҳмату мағфират, хайру саховат, моҳи омурзиши гуноҳҳо ва иҷобати дуоҳо мебошад. Рамазон моҳи сабру таҳаммул буда, ба инсон матонату тобоварӣ меомӯзад ва дар ниҳоди ӯ парҳезгориву накӯкориро тақвият мебахшад.

Бинобар ин, бо истифода аз фурсати муносиб ба ҳар як фарди бонангу номус ва хайрхоҳу саховатпеша, хусусан соҳибкорону тоҷирон хотиррасон месозам, ки барои дастгирии табақаҳои ниёзманд, пеш аз ҳама ятимону маъюбон, оилаҳои камбизоату бесаробон ҳиммату ёрмандии ҷавонмардона ва башардӯстонаи худро дареғ надоранд.

Хотиррасон месозам, ки назорати нархи маҳсулоти озуқа дар бозорҳо ва риояи қоидаҳои инсоф дар ин айём бисёр муҳим аст. Ман дар паёми табрикии худ дирӯз фармудаи Пайғамбари исломро беҳуда наовардам, ки мегӯяд: «Агар касе дар нархгузории ризқу рӯзии мусулмонон дахолате намояд, ки сабаби боло рафтани қимати онҳо шавад, Худованд ҳатман фардо рӯзи қиёмат ӯро дар оташи дӯзах қарор хоҳад дод».

Бори дигар таъкид месозам, ки шумо – фаъолони ҷомеа, ки аксарият роҳбарии сохторҳои ҳукуматӣ, ташкилоту корхонаҳо ва муассисаҳои гуногунро ба зимма доред, инчунин роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ, омӯзгорону табибон, аҳли зиё ва шахсони рӯзгордида вазифадор ҳастед, ки мардумро, пеш аз ҳама, ба заҳмати созанда, ободонии диёр, тарбияи фарзандон ва дигар амалҳои хайр ҳидоят намоед, дар ин раванд худатон намуна бошед ва тамоми саъю талоши худро ба хотири оромиву суботи ҷомеа, риояи интизоми давлатӣ ва таъмини волоияти қонун сафарбар созед.

Ҳамаи мо бояд ба қадри соҳибистиқлоливу соҳибдавлатӣ расем, шукронаи ватани озоду соҳибихтиёрро ба ҷо орем, наврасону ҷавонон, яъне наслиояндаи диёрамонро дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, худогоҳиву худшиносӣ, нангу номуси миллӣ ва сазовори номи неки гузаштагонамон тарбия кунем, ваҳдати миллиамонро ҳамчун неъмат ва дастоварди бузурги халқи куҳанбунёдамон эҳтиёт кунем ва онро қуввату вусъати тоза бахшем. Зеро ин неъмат дар баробари истиқлолияту озодӣ барои мо бисёр азизу муқаддас аст.

Бинобар ин, такроран иброз медорам, ки касе ба ваҳдати миллӣ ва ҷовидонагии он шубҳа дорад, имон надорад.

Дар ниҳояти сухан ба ҳамаи шумо – ҳозирини арҷманд, тани сиҳат, оромиву осоиш ва барори кор орзу менамоям!

**Доимо саломату сарбаланд бошед!**









# Эмомалӣ РАҲМОН: «Фаровонию арзонӣ дар бозори истеъмолӣ таъмин карда шавад!»

**Нимаи дуюми рӯзи 19 июли соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ваҳдат бо роҳбарону мутахассисон ва фаъолони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ машварати корӣ доир намуд.**

Дар машварат нишондодҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва иҷрои амру фармонҳои Президент ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ ва дигар санадҳо дар шашмоҳаи якуми соли равон дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт ва вазифаҳо барои оянда мушаххас карда шуд.

Таваҷҷуҳи асосӣ ба истифодаи пурсамари заминҳои корам, хусусан заминҳои обӣ, рӯёнидани ду ва зиёда ҳосил, таъмини фаровонию арзонӣ дар бозори истеъмолӣ, захира кардани маводи ғизоӣ, сӯзишворӣ ва хӯроки чорво барои зимистон зоҳир карда шуд.

Дастур дода шуд, ки «аз соли оянда дар заминҳои обӣ танҳо тухмиҳои хушсифати ғалла кишт карда шавад, то ки аз ҳар гектар на кам аз 50 сентнер ҳосил ба даст оянд». Таъкид гардид, ки «дар сурати кишти ғалла дар 200 ҳазор гектар замини обӣ ва ба ҳисоби миёна рӯёндани 50 сентнерӣ ҳосил 1 миллион тонна ғалладона ҷамъоварӣ мешавад, ки ин ба 90 фоизи талаботи бозори дохилӣ баробар аст ва ин бе назардошти ҳосил аз заминҳои лалмӣ».

-Васеъ ба роҳ мондани кишти такрорӣ ва рӯёндани 2-3 ҳосил аз заминҳои обӣ омили муҳими таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар аст, - таъкид дошт Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва ба масъулини соҳа доир ба тезондани корҳо дар ин самт ва босамар истифода бурдани вақти барои ин кор боқимонда супоришҳои мушаххас дод.

Ба масъулини давлатӣ дастур дода шуд, ки ташаббусҳои ибратбахшу судманди соҳибкорон, хусусан соҳибкорони истеҳсолиро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, ба бунёди ҷойҳои нави корӣ мусоидат намоянд.

Супоришҳои мушаххас ҳамчунин доир ба бунёди корхонаҳои нави коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва афзун намудани иқтидори содиротии кишвар дода шуд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз хисороти зиёди офатҳои табиии имсола ва талаф ёфтани 12 кас ба масъулин барои вусъат додани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва босамар истифода бурдани маблағҳо ва техникаю механизмҳои ҷудошуда дастуру ҳидоятҳо дод. Аз роҳбарони шаҳру ноҳияҳо бори дигар талаб карда шуд, ки қабули шаҳрвандонро дуруст ба роҳ монда, арзу шикояти онҳоро шунаванд ва ба додашон бирасанд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз афзоиши ҷинояту қонуншиканӣ дар миёни ҷавонону наврасон изҳори нигаронӣ карда, доир ба тақвият додани таълиму тарбияи насли наврас супоришҳои мушаххас дод ва ҳамчунин падару модаронро ба эҳсоси масъулияти баланд дар парвариши фарзандон ҳидоят намуд.

Нигаронӣ, ҳамчунин аз кам нашудани қонуншиканӣ дар тақсимоти замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ изҳор карда шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бори дигар аҳли нишаст ва кулли мардуми кишварро бо фарорасии моҳи шарифи Рамазон табрику таҳният гуфта, нафарони сарватманду саховатпешаро ба кӯмаку дастгирии мискинон, ятимону бепарасторон, маъюбон, пирону барҷомондагон, мусофирон ва дигар табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ҳидоят кард.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин ҳисоботи раисони шаҳру ноҳияҳо ва масъулини дахлдори ҷумҳуриявиро шунида, барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта супоришҳои мушаххас дод. Аз ҷумла дастур дода шуд, ки тавассути таъмини бозор бо молҳои арзону фаровон аз болоравии сунъии нархи маҳсулоти ғизоӣ дар моҳи шарифи Рамазон пешгирӣ карда шавад.

Аз роҳбарияти Кумитаи оид ба корҳои дин ва Шӯрои уламои ҷумҳурӣ талаб карда шуд, ки дар миёни аҳли тиҷорат корҳои фаҳмондадиҳиро васеъ ба роҳ монанд, то ки онҳо дар ин моҳи шариф нархҳоро на қимат, балки арзон бояд кунанд.

*www.prezident.tj*

# Ба фазои ҳуқуқӣ се қонуни нав ворид гардида, чанд маҳалли аҳолинишин тағйири ном кард

(Идома аз саҳ. 1)

**25. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»**

**26. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»**

**27. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Рошткалъа, Ишкошим, Шуғнон ва Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон»**

**28. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи деҳаи Туятоши шаҳри Сарбанд ва номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон»**

**29. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Қайроққуми вилояти Суғд»**

**30. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи деҳоти Дӯстии шаҳри Ваҳдат»**

**31. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи деҳаи Миденшори деҳоти Поршиневи ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба деҳаи Ваҳдат ва ба категорияи шаҳрак мансуб донистани он»**

**32. Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Нуров Н.Э.**

**33. Дар бораи муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ашӯров М.М.**

**34. Дар бораи судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**35. Дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**36. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоб намудани узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният»**

**37. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тағйир додани ҳайати Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ»**

**38. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба намояндаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**39. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба замимаи №1 Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №253 аз 15 декабри соли 2011 «Дар бораи тасдиқи сохтор, рӯйхати вазифаҳо, шумораи кормандони Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сметаи хароҷотии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012».**

**РАИС:- Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии масъалаи аввали рӯзномаи иҷлосия – Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният мӯҳтарам Худоёров Бахтиёр Таварович дода мешавад. Марҳамат.

**Бахтиёр ХУДОЁРОВ:- Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни конститутсионии мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 20 июни соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади пешниҳод ва қабули Қонуни конститутсионии мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзим намудани пардохти кӯмакпулиҳои якдафъаина, иловапулиҳо ва дигар ҷубронпулиҳо ҳангоми ба нафақа баромадан, дар ҳолати фавт, инчунин ҳалок гардидани судя ҳангоми иҷрои вазифа иборат мебошад.

Тағйиротҳо нисбати моддаҳои 19, 127 ва 128 пешниҳод шудаанд. Дар натиҷаи тағйироти воридшаванда, дар қисми 3 моддаи 19 ба судяҳо ҳангоми ба истеъфо рафтан ба ҷойи кӯмакпулии якдафъаина дар ҳаҷми музди меҳнати даҳмоҳа кӯмакпулии якдафъаина дар ҳаҷми музди меҳнати семоҳа дода мешавад.

Дар моддаи 127 бошад, мувофиқи тағйиротҳои пешниҳодшуда, бо асосҳои ҳангоми озод кардан аз вазифа ва бозхонди судя, ки бо қарори ба қувваи қонунӣ даромадаи суд, бедарак ғоибшуда эътироф намудан ё фавтида эълон гардидан ва вафоти судя ба оилаи ӯ кӯмакпулии якдафъаина ба ҷойи музди меҳнати яксола музди меҳнати панҷмоҳаи судя дода мешавад.

Ҳангоми ба нафақаи маъюбӣ баромадан, ба судяҳо ба ҷойи дар ҳаҷми музди меҳнати яксола кӯмакпулии якдафъаина дар ҳаҷми музди меҳнати семоҳа дода мешавад.

Дар моддаи 128 масъалаҳои вобаста ба тадбирҳои ҳимояи иҷтимоии судя ва аъзои оилаи ӯ ба танзим даровarда шудааст. Дар натиҷаи тағйиротҳои воридшуда ҳаёт ва саломатии судя аз ҳисоби маблағҳои буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойи пардохти музди меҳнати даҳсола ба андозаи музди меҳнати ҳаштмоҳа мавриди суғуртаи ҳатмии давлатӣ қарор мегирад. Ҳамчунин тағйирот дар ҳолати ҷой доштани воқеияти суғуртавӣ, яъне ҳалок ё вафот кардани судя дар давраи кор, агар ин ҳодиса бо расонидани зарари ҷисмонӣ ё дигар хел зарар ёфтани саломатӣ, ки дар натиҷаи иҷрои вазифа ба амал омадааст, ба ворисони ӯ аз ҷониби ташкилоти дахлдори суғуртавӣ ба андозаи музди меҳнати ҳаштмоҳаи судя пардохт карда мешавад.

Қонуни конститутсионӣ ба меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки Қонуни конститутсионии мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**- Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Марҳамат, Бахтиёр Таварович.

**Бахтиёр ХУДОЁРОВ:- Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 20 июни соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади пешниҳод ва қабули Қонуни конститутсионии мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзим намудани пардохти кӯмакпулиҳои якдафъаина, иловапулиҳо ва дигар ҷубронпулиҳо ҳангоми ба нафақа баромадан, дар ҳолати фавт, инчунин ҳалок гардидани кормандони прокуратура ва муфаттишон ҳангоми иҷрои вазифа иборат мебошад.

Мувофиқи тағйиротҳои пешниҳодшуда, ба прокурорҳо ва муфаттишон ҳангоми ба нафақа баромадан, дар сурати доштани на камтар аз 10 соли собиқаи хизмат дар мақомоти прокуратура ё ҳангоми маъюбӣ дар ҳаҷми музди меҳнати семоҳа кӯмакпулии якдафъаина дода мешавад. Ҳамчунин дар сурати вафоти прокурорҳо ва муфаттишон ба ворисонашон дар ҳаҷми музди меҳнати панҷмоҳа кӯмакпулии якдафъаина дода мешавад.

Зимнан тағйиротҳои пешниҳодшуда ба танзим намудани масъалаҳои пардохти суғуртаи ҳатмии давлатии прокурорҳо ва муфаттишонро аз Буҷети давлатӣ ҳангоми маъюбӣ, бо дарназардошти имкониятҳои мавҷудаи Буҷети давлатӣ нигаронида шудаанд.

Қонуни конститутсионӣ ба меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки Қонуни конститутсионии мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**-Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Бахтиёр Таварович.

**Бахтиёр ХУДОЁРОВ:- Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории ду субъект – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саодат Амиршоева пешниҳод гардидааст. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 13 июни соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади пешниҳод ва қабули Қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқ намудани меъёрҳои Кодекси зикргардида ба қонунҳои навқабулкардашуда, аз байн бурдани номутобиқатии дохилии ҳамин Кодекс ва такмили низоми мавҷудаи масъулият барои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ҷудогона иборат мебошад.

Мувофиқи тағйироти воридкардашуда, ном ва диспозитсияи моддаи 490 дар таҳрири нав ифода карда шуда, минбаъд барои саркашӣ аз фурӯши тапончаи пневматикӣ, яроқи оташфишони суфтамили шикорӣ ва тирҳои онҳо аз ҷониби шаҳрвандоне, ки мақомоти ваколатдор барои онҳо иҷозатномаи нигоҳ доштани чунин яроқро бекор кардааст, чораҳои таъсиррасонии маъмурӣ бо подош ситонидани яроқ ва лавозимоти он таъин карда мешавад (варианти амалкунанда: Барои аз фурӯши яроқи оташфишони суфтамили шикорӣ ва тирҳои он саркашӣ кардани шаҳрвандоне, ки мақомоти ваколатдор барои онҳо иҷозатномаи нигоҳ доштани яроқро бекор кардааст).

Тағйиру иловаҳои дигаре, ки ба Кодекси мазкур ворид карда шудааст, хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳририӣ дошта, ҷиҳати аз байн бурдани номутобиқатии меъёрҳои он пешбинӣ шудаанд.

Қонун ба меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** -Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Марҳамат, Бахтиёр Таварович.

**Бахтиёр ХУДОЁРОВ:- Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор дод.





Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 13 июни соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳалли мушкилоти ҷойдошта вобаста ба нигоҳ доштан, несту нобуд кардани далелҳои шайъӣ, бо парвандаҳои ҷиноятии марбут ба маводи нашъадор ва моддаҳои психотропӣ иборат мебошад.

Тибқи тағйиротҳои пешниҳодшуда нисбати Кодекси мазкур тартиби гирифтан ва нигоҳ доштани далелҳои шайъӣ боз ҳам мушаххас ва шаффоф муқаррар карда шуда, аз ҷиҳати услуби баён ва ҳамзамон мутобиқати дохилии меъёрҳои онҳо низ, мавриди таҳрир қарор гирифтааст.

Илова бар ин, қисми 5 моддаи 185 дар таҳрири нав ифода карда шудааст. Дар асоси он ҳангоми ду ҳолат (1) вобаста ба муайян карда нашудани шахсе, ки бояд ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашида шавад ва 2) дар ҳолате, ки айбдоршаванда аз тафтиши пешакӣ ё суд пинҳон шудааст ё бо сабабҳои дигар маҳалли будубоши ӯ муайян карда нашудааст) боздошта шудани тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ба миқдори калон ё махсусан калон, дар асоси қарори муфаттиш ва бо розигии прокурор, бо иштироки ҳатмии мутахассис ва шахсони холис бо татбиқи сабти видео ва аксбардорӣ аз ҳаҷми умумии далелҳои шайъӣ барои ҳамроҳ намудан ба парвандаи ҷиноятӣ намунаҳо мутаносибан ба андозаи на камтар аз ҳадди ибтидоии миқдори калон ё махсусан калони воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ҷудо карда гирифта мешаванд. Дар ин маврид, қисми боқимондаи воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нобуд карда мешавад.».

Қонун ба меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**- Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Бахтиёр Таварович.

**Бахтиёр ХУДОЁРОВ:- Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 20 июни соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои доир ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм (ФАТФ), инчунин дар ин замина пешгирӣ намудани терроризм иборат мебошад.

Мувофиқи тағйироти пешниҳодшуда, дар қонун масъалаҳои рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд ва манъ кардани воситаҳои молиявӣ ва дигар молу мулки шахсони бо терроризм алоқаманд муқаррар карда шудаанд, ки пешбурди рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ карда мешавад.

Зимнан тағйироти мазкур ҳамчунин ҷиҳати тақвияти мубориза бар зидди терроризм, якчанд масъалаҳои мубрами дигарро низ ба таври мушаххас ва шаффоф муайян менамояд, аз ҷумла:

- маҳз Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси аризаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотро ташкилоти террористӣ эътироф менамояд;
- шахсони воқеӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори суд террорист эътироф карда шуда, нусхаи қарорҳои зикргардида барои дохил намудани ин шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд ба Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода мешаванд;
- манъ кардан, ҳамчунин бекор кардани манъи воситаҳои молиявӣ ва дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд, аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, мусодираи воситаҳои молиявӣ ва дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳои бо терроризм алоқаманд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Дар як вақт, тағйиротҳои воридгардида пешбинӣ менамоянд, ки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо ҳуқуқ доранд аз рӯйи қарорҳо оид ба террорист ё ташкилоти террористӣ эътироф намудани онҳо ва оид ба манъ кардани воситаҳои молиявӣ ва молу мулки дигарашон бо тартиби судӣ шикоят намоянд, ҳамчунин аз ҳисоби воситаҳои молиявии манъкардашуда, то мусодира гардидани онҳо, оид ба пардохти хароҷоти хизматрасониҳои тиббиву иҷтимоӣ ва таъмини моддию маишии аҳли оила муроҷиат намоянд.

Қонун ба меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Марҳамат, Бахтиёр Таварович.

**Бахтиёр ХУДОЁРОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 20 июни соли 2012 қабул намудааст.

(Идома дар саҳ. 4)

(Идома аз саҳ. 1, 3)

Мақсади пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқ намудани Кодекси мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» ва танзими пардохти ҷубронпулӣ вобаста ба имконияти Буҷети давлатӣ иборат мебошад.

Мувофиқи тағйироти воридгардида, ҳангоми қатъ намудани қарордод бо роҳбари ташкилот ва кормандоне, ки вазифаи умумии идоракуниро дар ин ташкилот анҷом медиҳад, молики нав вобаста ба иваз шудани молик вазифадор мегардад ба ҳар кадоми онҳо на камтар аз музди меҳнати думоҳа ҷубронпулӣ диҳад. Ин маблағ дар Кодекси амалкунанда музди меҳнати шашмоҳаро ташкил медиҳад.

Қонун ба меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Бахтиёр Таварович.

**Бахтиёр ХУДОЁРОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 20 июни соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзим намудани пардохти кӯмакпулиҳои якдафъаина, иловапулиҳо ва дигар ҷубронпулиҳо ҳангоми ба нафақа баромадан, дар ҳолати фавт, инчунин ҳалок гардидан ҳангоми иҷрои вазифа дар доираи Буҷети давлатӣ ва тақвият бахшидани раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо иборат мебошад.

Тибқи тағйиротҳои мазкур, боҷҳои хоси гумрукӣ (махсус, зиддидемпингӣ ва ҷубронӣ) нисбат ба молҳои воридотӣ метавонанд муваққатан мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон татбиқ карда шаванд.

Ҳамчунин мувофиқи тағйироти воридшуда, минбаъд шахсони мансабдори мақомоти гумрук аз ҳисоби Буҷети давлатӣ ба маблағи баробар ба ҳаҷми 8 каратаи музди миёнаи якмоҳаашон ҳатман суғуртаи шахсии давлатӣ карда мешаванд ва мақомоти суғуртаи давлатӣ маблағи суғуртаро ҳангоми ҳалокати (вафоти) шахсони мансабдори мақомоти гумрук дар давраи кор ё баъди ҷавоб шудан:

1) агар он дар натиҷаи расонидани ҷароҳати ҷисмонӣ ё зарари дигаре ба саломатӣ, ки ба иҷрои вазифаҳои хизматиашон вобаста аст, ба амал омада бошад – ба ворисонашон ба андозаи баробар ба ҳаҷми 8 каратаи музди миёнаи якмоҳаашон;

2) ба шахсони мансабдори мақомоти гумрук ба иртиботи иҷрои фаъолияти хизматӣ расонидани ҷароҳати ҷисмонӣ ё зарари дигаре ба саломатиашон, ки минбаъд ба фаъолияти касбӣ машғул шудани онҳоро ғайриимкон мегардонад, ба андозаи баробар ба ҳаҷми 6 каратаи музди миёнаи якмоҳаашон;

3) ба шахсони мансабдори мақомоти гумрук ба иртиботи иҷрои фаъолияти хизматӣ расонидани ҷароҳати ҷисмонӣ ё зарари дигаре ба саломатиашон, ки дар натиҷаи он қобилияти кориашон ба таври пойдор гум нашуда, ба қобилияти минбаъд машғул шудан ба фаъолияти касбӣ асар накардааст, ба андозаи баробар ба ҳаҷми 5 каратаи музди миёнаи якмоҳаашон медиҳад.

Қонун ба меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

# Ба фазои ҳуқуқӣ се қонуни нав ворид гардида, чанд маҳалли аҳолинишин тағйири ном кард

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Бахтиёр Таварович.

**Бахтиёр ХУДОЁРОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат» мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 20 июни соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи имкониятҳои Буҷети давлатӣ ба танзим даровардани пардохти кӯмакпулиҳои якдафъаина иборат мебошад.

Мувофиқи тағйироти воридшуда, ташкилот ё ворисони ҳуқуқии он вазифадор аст, ба корманде, ки дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот маъюб шудааст, илова ба маблағи ҷуброни зарари барои чунин ҳолатҳо муқарраршуда, ба андозаи на камтар аз музди меҳнати панҷмоҳаи ҷабрдида, кӯмакпулии якдафъаина пардохт намояд. Ҳангоми фавти корманд бошад, ба оилаи ӯ илова ба маблағе, ки барои шахсони дар таъминоти ӯ буда муқаррар шудааст, ба андозаи на камтар аз музди меҳнати ҳаштмоҳаи фавтида, кӯмакпулии якдафъаина дода мешавад.

Қонун ба меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС: - Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» мебошад. Марҳамат, Бахтиёр Таварович.

**Бахтиёр ХУДОЁРОВ: Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 20 июни соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади пешниҳод ва қабули Қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи имкониятҳои Буҷети давлатӣ ба танзим даровардани пардохти кӯмакпулиҳои якдафъаина иборат мебошад.

Мутобиқи тағйироти пешниҳодшуда, пардохти ёрдампулии якдафъаина бо тартиб ва андозаи зайл сурат мегирад:

- ҳангоми ҳалок гардидани кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар вақти иҷрои фаъолияти хизматӣ ба оилаҳои ҳалокгардида ва ё шахсони таҳти саробонии онҳо қарордошта ёрдампулии якдафъаина дар ҳаҷми 8 маоши таъминоти пулии ҳалокгардида;

- дар сурати ба корманди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ расонидани зарари ҷисмоние, ки барои ба фаъолияти касбӣ машғул шудан имконият намедиҳад, ба ӯ ёрдампулии якдафъаина дар ҳаҷми 6 маоши таъминоти пулӣ;

- дар сурати пеш аз мӯҳлат рухсат шудани корманди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз хизмат дар натиҷаи бемории дар рафти адои уҳдадориҳои хизматӣ пайдонамуда, ба ӯ кӯмакпулии якдафъаина ба андозаи 5 маоши таъминоти пулӣ, ки дар рӯзи пардохти кӯмакпулӣ муқаррар шудааст, аз ҳисоби маблағҳои дахлдори воҳидҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пардохт карда мешавад.

Қонун ба меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Бахтиёр Таварович.

**Бахтиёр ХУДОЁРОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 20 июни соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи имкониятҳои Буҷети давлатӣ ба танзим даровардани пардохти кӯмакпулиҳои якдафъаина, ҳамчунин мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои доир ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм (ФАТФ) иборат мебошад.

Мувофиқи тағйирот, минбаъд пардохти ёрдампулиҳои якдафъаина бо тартиб ва андозаи зайл сурат мегирад:

1) ҳангоми ҳалок гардидани корманди милитсия бинобар иҷрои фаъолияти хизматӣ ба оилаи ҳалокгардида ва ё шахсони таҳти саробонии он буда ёрдампулии якдафъаина дар ҳаҷми 8 маоши таъминоти пулии ҳалокгардида;

2) дар сурати ба корманди милитсия расонидани зарари ҷисмоние, ки ба фаъолияти касбӣ машғул шудан имконнопазир аст, ба ӯ ёрдампулии якдафъаина дар ҳаҷми 6 маоши таъминоти пулӣ;

3) дар сурати пеш аз мӯҳлат рухсат шудани корманди милитсия аз хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ дар натиҷаи бемории дар рафти адои уҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ пайдонамуда, ба ӯ кӯмакпулии якдафъаина ба андозаи 5 маоши таъминоти пулӣ, ки дар рӯзи пардохти кӯмакпулӣ муқаррар шудааст, пардохт карда мешавад.

Қонун ба меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикикстон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Бахтиёр Таварович.

**Бахтиёр ХУДОЁРОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 20 июни соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзим намудани пардохти кӯмакпулиҳои якдафъаина, иловапулиҳо ва дигар ҷубронпулиҳо бо дарназардошти имкониятҳои мавҷудаи Буҷети давлатӣ ҳангоми ба нафақа баромадан, дар ҳолати фавт, инчунин ҳалок гардидан ҳангоми иҷрои вазифа нисбати хизматчиёни ҳарбӣ иборат мебошад.

Мувофиқи тағйироти воридшуда, минбаъд пардохтпулиҳои якдафъаина бо тартиб ва андозаи зерин ба роҳ монда мешавад:

1) дар сурати ҳалок гардидани (вафот кардани) хизматчиёни ҳарбии хизмати ҳарбиро ба таври ихтиёрӣ адокунанда ва шаҳрвандони ба ҷамъомадҳои ҳарбӣ ба сифати афсарон, прапоршикҳо даъватшуда - ба аъзои оилаи онҳо ба андозаи 8 (амалкунанда – 80) маоши таъминоти пулии ҳалокгардида;

2) ҳангоми пеш аз мӯҳлат рухсат шудани хизматчиёни ҳарбӣ (шаҳрвандони ба ҷамъомадҳои ҳарбӣ даъватшуда) аз хизмати ҳарбӣ (ҷамъомадҳои ҳарбӣ) вобаста бо ношоям донистани онҳо ба хизмати ҳарбӣ дар натиҷаи маъюбӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ вобаста ба ихтиёрӣ ва ё даъват будан онҳо кӯмакпулии якдафъаина мутаносибан ба андозаи 6 маоши таъминоти пулӣ ва 6 маоши ҳадди ақал;

3) ҳангоми пеш аз мӯҳлат рухсат шудани хизматчиёни ҳарбӣ барои хизмати ҳарбӣ дар натиҷаи беморӣ, ки дар рафти иҷрои уҳдадории хизмати ҳарбӣ пайдо намудаанд, вобаста ба ихтиёрӣ ва ё даъват будан онҳо кӯмакпулии якдафъаина мутаносибан ба онҳо кӯмакпулии якдафъаина ба андозаи 5 маоши таъминоти пулӣ ва 5 маоши ҳадди ақал пардохта мешавад.

Ҳамчунин ба хизматчиёни ҳарбӣ ҳангоми аз хизмати ҳарбӣ бо расидан ба синни ниҳоии дар хизмати ҳарбӣ будан, вазъи саломатӣ ё вобаста бо чорабиниҳои ташкилию штатӣ рухсатшуда вобаста ба мӯҳлати умумии хизмати ҳарбиашон кӯмакпулии якдафъаина бо ҳисоби тақвимӣ пардохта мешавад.

Қонун ба меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикикстон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Марҳамат, Бахтиёр Таварович.

**Бахтиёр ХУДОЁРОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор дод.



Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 20 июни соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳавола намудани масъалаҳои танзими муносибатҳо вобаста ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти разведкаи ҳарбӣ ва аъзои оилаи онҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» иборат мебошад.

Диспозитсияи моддаи 22 қонуни мазкур хусусияти ҳаволакунанда дошта, мувофиқи он ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти разведкаи ҳарбӣ ва аъзои оилаи онҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» ҳавола карда мешавад.

Қонун ба меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикикстон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии шумо масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» пешниҳод карда мешавад.

Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия мӯҳтарам Тағоев Саймурод дода мешавад.



**Саймурод ТАҒОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 июни соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ намудани қонуни амалкунанда бо талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, инчунин бо мақсади баробарҳуқуқ ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин созмони байналмилалӣ қабул гардидааст.

Мақсад аз ворид намудани тағйирот аз байн бурдани низоми миллӣ, ки дар моддаи 3-юми Созишномаи кулл оид ба тарофа ва савдо оварда шудааст, яъне баробарҳуқуқии кормандони ба кор ҷалбшаванда, ки яке аз принсипҳои асосии созишномаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мебошад, равона гардидааст.

Бо ин мақсад, сархатҳои дуюм ва сеюми банди дуюми қисми 2-юми моддаи 9 қонуни амалкунанда дар таҳрири нав ифода гардидааст, ки мутобиқи он уҳдадориҳои сармоягузор оид ба ҷалб кардани кормандон-шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷӣ бо ҳуқуқи баробар барои иҷрои корҳо бояд дар созишнома пешбинӣ шуда бошанд.

Қонун ба талаботи техникаи қонуннависӣ ҷавобгӯй буда, ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» шурӯъ менамоем ва аз Саймурод Тағоевич хоҳиш менамоем, ки ахбори худро пешниҳод намоянд. Марҳамат.

**Саймурод ТАҒОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 июни соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади такмилу мукаммалсозии қонуни амалкунанда ва мутобиқ гардонидани он бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Қонун аз ду модда иборат буда, тибқи моддаи 1-уми он ба моддаи 1-уми қонуни амалкунанда илова ворид карда шудааст, ки мутобиқи он минбаъд кӯмакпулиҳо ва иловапулиҳои иҷтимоӣ мутобиқи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҳар сол муқаррар мегардад, ҳисоб карда мешаванд.

Моддаи 2 тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкурро пас аз интишори расмӣ муқаррар менамояд.

Қонун ба талаботи техникаи қонуннависӣ ҷавобгӯй буда, ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» мебошад. Марҳамат, Саймурод Тағоевич.

**Саймурод ТАҒОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 июни соли 2012 қабул намудаст.

Қонуни мазкур бо мақсади такмил додани қонуни амалкунанда, инчунин мутобиқ намудани он бо талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо барои баробарҳуқуқ ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин созмони байналмилалӣ қабул гардидааст.

Қонун аз 2 модда иборат буда, тибқи моддаи 1-уми он ба қисми 3 моддаи 20 пас аз калимаҳои «аккредитатсияшуда» калимаҳои «ва ё ташкилоти дигари аккредитатсияшуда» илова карда шудааст, ки тибқи он минбаъд корҳои сертификатсияи ҳатмиро ба ғайр аз мақомоти давлатии аккредитатсияшуда, инчунин метавонанд дигар ташкилотҳои аккредитатсияшуда анҷом диҳанд.

Ғайр аз ин, мувофиқи ин модда ба қисми 1-уми моддаи 29 қонуни амалкунанда тағйирот ворид карда шудааст, ки мувофиқи он минбаъд ба муомилоти озод баровардани маҳсулоти воридотии ҳатман сертификатсияшаванда дар қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе амалӣ намудани корҳои сертификатсионӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

Моддаи 2 мавриди амал қарор додани қонуни мазкурро аз 1 январи соли 2014 муқаррар менамояд.

Қонун ба талаботи техникаи қонуннависӣ ҷавобгӯй буда, ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Саймурод Тағоевич.

**Саймурод ТАҒОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 июни соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳифзи ҳаёту саломатии инсон, манфиатҳои истеъмолкунандагон, олами набототу ҳайвонот ва муҳити зист танзим намуда, инчунин бо мақсади баробарҳуқуқ ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо қабул шудааст.

Қонун аз 5 боб иборат буда, бобҳои 1-ум ва 2-юми он доираи амали қонуни мазкур, мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, принсипҳо, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаҳои тандурустӣ, кишоварзӣ, стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдоро дар бар мегирад.

Дар бобҳои 3-юм ва 4-ум танзими давлатӣ, арзёбӣ ва тасдиқи мутобиқат, назорати давлатӣ, мониторинги бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ ва саломатии аҳолӣ, талабот нисбат ба таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ ҳангоми нигоҳдорӣ ва ҳамлу нақл, фурӯш, воридот, инчунин аз муомилот баровардани маҳсулоти хӯрокворӣи хатарнок, ташхис, коркарди партовҳо ва нобуд кардани маҳсулоти хатарнок дар соҳаи мазкур пурра инъикос ёфтааст.

Ҳамзамон ҷавобгарӣ барои риоя накардани қонуни мазкур, инчунин аз эътибор соқит донista шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2002 «Дар бораи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» ва пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор додани қонуни мазкур аз 1 январи соли 2013 дар боби 5 инъикос ёфтааст.

Қонун ба талаботи техникаи қонуннависӣ ҷавобгӯй буда, ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология мӯҳтарам Гулмаҳмадов Давлатшо Қурбоналиевич дода мешавад. Марҳамат.

**Давлатшо ГУЛМАҲМАДОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 июни соли 2012 қабул намудааст.



Қонун бо мақсади такмил додану мукаммал сохтани Кодекси амалкунанда ва мутобиқ намудани он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо ин мақсадҳо моддаи 1-уми Кодекси амалкунанда дар таҳрири нав ифода ёфта, ба Кодекси амалкунанда моддаҳои нави $1^1$ , $1^2$ ва $1^3$ илова шудааст, ки онҳо муносибатҳои аз ҷониби кодекси мазкур танзимшаванда, мафҳумҳои асосии дар кодекс истифодашаванда ва принсипҳои асосии қонунгузории заминро мушаххас шарҳ медиҳанд.

Ба моддаи 2-юми Кодекси амалкунанда қисмҳои нави сеюм ва чорум илова шудаанд, ки мутобиқи онҳо, ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои замин ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳуқуқи бегонакунӣ ва ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ бе ҳуқуқи бегона намудан дода мешаванд.

Инчунин ба Кодекси амалкунанда моддаҳои нави $2^1$ ва $2^2$ илова шудааст, ки онҳо объектҳои муносибатҳои вобаста ба замин ва ҳуқуқи истифодабарии қитъаи заминро ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ муқаррар мекунанд.

Ҳамзамон дар моддаи 5-уми Кодекси амалкунанда бандҳои «а» ва «е» дар таҳрири нав ифода гардида, бандҳои нави «и» ва «к» илова шудаанд, ки тибқи онҳо минбаъд гирифтан ва додани қитъаҳои замин дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсадҳои умумидавлатӣ бевосита ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад.

(Идома дар саҳ. 5)

(Идома аз саҳ. 1, 3, 4 )

# Ба фазои ҳуқуқӣ се қонуни нав ворид гардида, чанд маҳалли аҳолинишин тағйири ном кард

Ба Кодекси амалкунанда моддаи нави $10^1$ илова гардидааст, ки он ҳуқуқи маҳдуди истифодабарии қитъаҳои замини дигар заминистифодабарандагонро васеъ шарҳ медиҳад.

Илова бар ин, моддаи 15-уми Кодекси амалкунанда дар таҳрири нав ифода ёфта, моддаи 16 пурра хориҷ карда шудааст, ки мувофиқи он минбаъд бақайдгирии давлатии қитъаи замин тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» амалӣ мегардад.

Ҳамчунин ба Кодекс моддаҳои нави $17^1$, $17^2$ ва $18^1$ илова шудаанд, ки асосҳо барои пайдо карданy маҳдудиятҳо оид ба вогузоштани ҳуқуқи бегонакунии онҳо ва инчунин қитъаҳои заминро ҳамчун тақсимшаванда ва тақсимнашаванда муқаррар менамоянд.

Ба моддаи 37-уми Кодекси амалкунанда банди нави «з» илова гардидааст, ки тибқи он ҳангоми бо асосҳои муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз узвияти хоҷагии деҳқонӣ баровардани заминистифодабаранда ҳуқуқи ӯ барои истифодаи замин ё як қисми он қатъ гардида, нархи бозории ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замини ӯ ҷуброн карда мешавад.

Ғайр аз ин, ба Кодекси амалкунанда моддаи нави $38^2$ илова шудааст, ки он асосҳо ва тартиби ихтиёран даст кашидани шахсро аз ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин муайян менамояд.

Ҳамчунин бо мақсади мукаммал намудани Кодекси амалкунанда ва мутобиқ намудани он бо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва дигар қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ ба матни Кодекси амалкунанда як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Бо назардошти ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани қонуни мазкур, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам» мебошад. Марҳамат, Давлатшо Қурбоналиевич.

**Давлатшо ГУЛМАҲМАДОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон Хайринисо Юсуфӣ, Б. Қурбонов, С. Муқумова, А. Маҳмадалиев, А. Қароқулов ва Ҳ. Одинаев пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 июни соли 2012 қабул намудааст.

Қонун асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатиро дар соҳаи захираҳои генетикии набототи корам ва ҳамавлодони худрӯйи онҳо муқаррар намуда, муносибатҳоро вобаста ба ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, таҳқиқ ва истифодабарии оқилонаи онҳо бо мақсадҳои пешбурди соҳаи кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, экологӣ ва биологӣ танзим намуда, аз 6 боб ва 23 модда иборат мебошад.

Мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мазкур, объектҳои захираҳои генетикии набототи корам, сиёсати давлатӣ дар соҳа, татбиқи сиёсати давлатӣ ва принсипҳои асосии муҳайё кардани шароит барои рушди фаъолият дар моддаҳои 1 - 6 пурра дарҷ гардидааст.

Дар моддаҳои аз 7 то 10-уми қонун салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иштироки шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам ва низоми давлатӣ дар соҳаи захираҳои генетикии набототи корам мушаххас нишон дода шудааст.

Коллексияҳои миллии захираҳои генетикии набототи корам, таъмини илмии низоми давлатӣ, ҳавасмандии иқтисодӣ ва воқифгардонии ҳамаҷонибаи ҷомеа, назорати фаъолият, баҳисобгирӣ ва қайди давлатии коллексияҳо, тартиби дастрасӣ ва захираҳои генетикии набототи корам дар моддаҳои 11 - 16 дарҷ гардидааст.

Ҳамзамон маҳдуд кардани фаъолият, нигоҳдории захираҳои генетикии намудҳои нодир ва нобудшавандаи набототи корам, муомилот бо набототи корами аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфта ва шаклҳои моликият ба захираҳои генетикии набототи корам ва ҳамавлодони худрӯйи онҳоро моддаҳои 17, 18, 19 ва 20 ба танзим медароранд.

Моддаҳои 21, 22 ва 23 фаъолияти байналмилалӣ дар соҳаи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам, ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур, инчунин тартиби мавриди амал қарор додани онро муайян месозанд.

Бо назардошти ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани қонуни мазкур, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» шурӯъ менамоем.

Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеа мӯҳтарам Қурбонов Убайдулло Абдуллоевич дода мешавад. Марҳамат.



**Убайдулло ҚУРБОНОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 июни соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» аз 13 декабри соли 1997 бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он аз солҳои 2003, 2006, 2007, 2008 ва 2012 амал менамояд.

Мақсад аз қабули қонуни пешниҳодгардида дар доираи имкониятҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровардани пардохти кӯмакпулиҳои яквақтаина вобаста ба таъин ва пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи шахсони суғурташуда мебошад.

Дар қонуни мазкур ба моддаҳои 12 ва 16-уми қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Тибқи тағйироти пешниҳодгардида, қисми дуюми моддаи 12-уми қонуни амалкунанда, ки андозаи пардохти кӯмакпулиро барои корношоямии муваққатӣ муқаррар менамояд, дар таҳрири нав ифода гардидааст.

Инчунин дар ном ва қисмҳои 1 ва 2-юми моддаи 16-уми қонуни амалкунанда, ки тартиб ва шартҳои пардохти кӯмакпулиро барои дафн муайян менамояд, пас аз калимаҳои «дафн» ва «(кӯмакпулии маросимӣ)» калимаҳои «ба аъзои оилаи камбизоат» илова карда шудааст.

Қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва амалӣ шудани он аз Буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Кумита қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, ба он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, қонун ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» мебошад. Марҳамат, Убайдулло Абдуллоевич.

**Убайдулло ҚУРБОНОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеа Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» 12 январи соли 2010 қабул гардида, аз 7 боб ва 62 модда иборат буда, он аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода мешавад.

Қонуни нав бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 июни соли 2012 қабул намудааст.

Мақсад аз қабули қонуни нав дар доираи имкониятҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровардани андозаи нафақаи заминавии гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон мебошад.

Қонуни қабулгардида асосҳои ташкилию ҳуқуқии танзими давлатии суғуртаи ҳатмии нафақавии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, шахсони воқеию ҳуқуқӣ, тартиби таъин ва пардохти нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ, инчунин манбаъҳои маблағгузории онҳоро муайян мекунад.

Тибқи тағйироти пешниҳодгардида, дар қисми 7-уми моддаи 59-уми қонуни қабулгардида, ки андозаи нафақаи заминавиро муайян менамояд, калимаҳои «60 фоизи ҳадди ақали музди меҳнат» ба калимаҳои «якуним нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шудааст.

Қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Кумита ба қонуни пешниҳодгардида эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, барои ҷонибдории он овоз диҳед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Убайдулло Абдуллоевич.

**Убайдулло ҚУРБОНОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирганд Шабозов, Марҳабо Ҷабборова ва Мироҷиддин Ҳакимов пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 июни соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии пешниҳод ва қабули қонуни мазкур тақвият бахшидан ба раванди омода намудани мутахассисон, бо назардошти талаботи бозори меҳнат ва дар ин замина фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоягузории бахши хусусӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ мебошад.

Қонуни мазкур аз 5 боб ва 20 модда иборат буда, асосҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилии ҳамкории давлат ва бахши хусусиро дар низоми таҳсилоти касбӣ муайян намуда, муносибатҳои раванди ҳамкории низоми таҳсилоти касбиро дар тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнат танзим менамояд.

Боби 1 аз чор модда иборат буда, дар моддаи 1 мафҳумҳои асосӣ, аз қабили мутахассис, маблағгузории бисёрманбаъ, иттиҳодияи корфармоён, таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ, иттилооти касбӣ, машварати касбӣ, таҳсилоти касбӣ, омӯзиши касбӣ, бозори меҳнат, ҳамкории иҷтимоӣ ва ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ ва бозори меҳнат шарҳ дода шудаанд.

Инчунин моддаҳои 2,3 ва 4 боби 1 масъалаи қонунгузорӣ ва мақсадҳои қонуни мазкур ва сиёсати давлатиро дар соҳаи тайёр намудани мутахассисон дар низоми таҳсилоти касбӣ, бо назардошти талаботи бозори меҳнат муайян менамояд.

Боби 2 аз чор модда иборат буда, дар он тарафҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи тайёр намудани мутахассисон дар низоми таҳсилоти касбӣ, шакл ва мақомоти ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ва иштироки мақомоти ҳамкорӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ ва бозори меҳнат муқаррар карда шудааст.

Боби 3 аз ҳафт модда иборат буда, дар он муайян намудани сохтори интихоби довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ, ташкили қабули таълимгирандагон, омӯзиши мақсаднок, бозомӯзии касбӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон, иштироки корфармоён ва иттиҳодияҳои онҳо дар раванди таълимии муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ, фаъолияти муштарак оид ба ташкили таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолии таълимгирандагон, мусоидат барои бо кор таъмин кардани хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ ва ташкили арзёбии мустақили сатҳу сифати таҳсилоти касбиро дар бар мегирад.



Бобҳои 4 ва 5 шаклҳои маблағгузории бисёрҷабҳаи низоми таҳсилоти касбӣ, бо назардошти талаботи бозори меҳнат, ҳавасмандгардонӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ, заминаи моддию техникӣ, ҷавобгарӣ барои риоя накардани қонуни мазкур ва тартиби мавриди амал қарор гирифтани қонуни пешниҳодгардидаро пешбинӣ менамояд.

Аз ин рӯ, қабули қонуни мазкур ба ташаккули бозори меҳнат мусоидат намуда, талабот ба касбу ҳунарҳои гуногунро ба вуҷуд оварда, бахри дар низоми таҳсилоти касбӣ тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнат замина мегузорад.

Қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Кумита ба қонуни пешниҳодгардида эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ба ҷонибдории он овоз диҳед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ мӯҳтарам Илолов Мамадшо дода мешавад. Марҳамат.



**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ баррасӣ намуд.

Мақсади асосии қонуни мазкур татбиқи ҳадафҳо ва муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Чун санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ таҳия ва қабул карда мешаванд, зарурати дар сатҳи лозима донистани забони давлатиро барои намояндагони мардумӣ дар мақоми қонунгузории кишвар бо риояи забон, меъёр ва сабки махсуси асноди қонунгузорӣ пеш меорад.

Ба қисми дуюми моддаи 28 ва қисми шашуми моддаи 29 қонуни амалкунанда оид ба талаботи умумӣ ба номзадҳо ба узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне дар баробари шаҳрвандӣ, меъёри муқимӣ, синну сол ва таҳсилоти олӣ, талаботи донистани забони давлатӣ илова шудааст.

Қабули қонуни мазкур дар иртибот ба донистани забони давлатӣ, аз ҷумла мақомоти қонунгузории миллӣ ва фаъолияти мактаби парлумонии кишвар, нақши муҳим хоҳад дошт.

Кумита ба қонуни мазкур эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии шумо масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия –Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод карда мешавад. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар доираи имкониятҳои Буҷети давлатӣ ба танзим даровардани пардохти кӯмакпулиҳои якдафъаина омода ва пешниҳод шудааст.

Бо ин мақсад қисми дуюми моддаи 22 дар таҳрири нав ифода гардида, ба қисми чоруми моддаи 36 Қонуни конститутсионии амалкунанда тағйирот ворид карда шудааст.

Мувофиқи он, тартиби пардохти суғуртаи якдафъаинаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад ва дар сурати баъд аз ба анҷом расидани ваколатҳо ё аз рӯйи синну сол ба нафақа баромадани вакили Маҷлиси намояндагон ба андозаи музди меҳнати семоҳаашон кӯмакпулӣ дода мешавад.

Кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии* Тоҷикистон» ба овоз монда, *Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» баррасӣ намуд.

Қонуни мазкур асосан ба моддаи 3-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқ карда шуда, ба қисми якуми моддаи 26-уми Қонуни конститутсионии амалкунанда пас аз калимаҳои «мешавад, ки» калимаҳои «забони давлатиро донад ва» илова шудааст.

Қабули қонуни мазкур бевосита ба такмили сиёсати забони давлатӣ дар ҷомеа мусоидат хоҳад кард.

Кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» мавриди баррасӣ қарор дод.

Мақсади асосии қонуни мазкур мутобиқ намудани қонуни амалкунанда ба талаботи моддаи 3-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Дар қонуни мазкур илова ба қисми 1 моддаи 36 талабот нисбати номзадҳо ба вакили Ҷамоат, яъне донистани забони давлатӣ, илова гардидааст.

Қабули қонуни мазкур бевосита ба такмили сиёсати забони давлатӣ дар ҷомеа мусоидат хоҳад кард.

Кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии шумо масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» пешниҳод карда мешавад. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» баррасӣ намуд.

Тибқи қонуни мазкур пешниҳод мешавад, ки дар сурати вафоти хизматчии давлатӣ ба аъзои оилаи ӯ дар ҳаҷми 5 музди моҳонаи меҳнат аз ҷойи кори охиринаш кӯмакпулии яквақта дода мешавад. Инчунин ҳангоми ба нафақа баромадан, дар сурати доштани на камтар аз 15 соли собиқаи хизмати давлатӣ ё ҳангоми маъюбӣ, дар ҳаҷми музди меҳнати семоҳа кӯмакпулии яквақта муқаррар карда шавад.

Кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Роштқалъа, Ишкошим, Шуғнон ва Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Роштқалъа, Ишкошим, Шуғнон ва Ванҷ» баррасӣ намуд. Тибқи пешниҳоди мазкур, таклиф ба миён гузошта шудааст, ки номи деҳоти Тавдем ба деҳоти Гадолиев Қурбоншои ноҳияи Роштқалъа, деҳоти Ишкошим ба деҳоти Юсуфбеков Рустамбеки ноҳияи Ишкошим, деҳоти Сохчарв ба деҳоти Ширинҷонов Мирзоҷон, деҳоти Дарморахт ба деҳоти Шаҳбозов Ғарибшои ноҳияи Шуғнон, деҳоти Ванҷ ба деҳоти Маҳмадулло Абдуллоеви ноҳияи Ванҷ тағйир дода шавад.

Дар маҷмӯъ, пешниҳод шудааст, ки дар ноҳияи Роштқалъа номи як деҳот, дар ноҳияи Ишкошим номи як деҳот, дар ноҳияи Шуғнон номи ду деҳот ва дар ноҳияи Ванҷ номи як деҳот тағйир дода шавад.

Зарурати тағйир додани номи деҳотҳо бевосита ба абадӣ гардонидани хотираи неки шахсиятҳои барӯманду хизматнишондодаи диёр вобастагӣ дошта, нишони арҷгузорӣ ба меҳнати софдилона, ба инобат гирифтани афкори умум ва хоҳиши сокинони ин деҳотҳо мебошад.

Пешниҳод дар маҷлисҳои умумии сокинони деҳотҳо, маҷлисҳои ҷамоатҳо, маҷлисҳои вакилони халқи ноҳияҳои Роштқалъа, Ишкошим, Шуғнон, Ванҷ ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баррасӣ гардида, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Пешниҳоди мазкур мутобиқи моддаи 23-юми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шуда, маводи зарурӣ тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Кумита зарур мешуморад, ки пешниҳоди мазкур қобили дастгирист ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Роштқалъа, Ишкошим, Шуғнон ва Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии шумо масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи деҳаи Туятоши шаҳри Сарбанд ва номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон» пешниҳод карда мешавад.

Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо пешниҳодоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи пешниҳодоти Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи деҳаи Туятоши шаҳри Сарбанд» ва «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ёвон» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод. Тибқи пешниҳодоти мазкур таклиф ба миён гузошта шудааст, ки номҳои деҳаи Туятош ба деҳаи Истиқлоли деҳоти Ваҳдати шаҳри Сарбанд ва деҳаи Одоқ-Қайнар ба деҳаи Наврӯз, деҳаи Эшма-боғ ба деҳаи Баҳор, деҳаи Эшма ба деҳаи Пахтакори деҳоти Норини ноҳияи Ёвон тағйир дода шаванд.

Дар маҷмӯъ, пешниҳод шудааст, ки дар шаҳри Сарбанд номи як деҳа ва дар ноҳияи Ёвон номи се деҳа тағйир дода шавад.

Зарурати тағйир додани номи деҳаҳо бевосита ба гиромидошти таъриху фарҳанги кишвар, Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон вобастагӣ дошта, нишони тоза нигоҳ доштани забони давлатӣ, ба инобат гирифтани афкори умум ва хоҳиши сокинони ин деҳаҳо мебошад.

Пешниҳодот доир ба тағйир додани номи деҳаҳои зикргардида дар маҷлисҳои умумии сокинони онҳо, маҷлисҳои ҷамоатҳо, маҷлисҳои вакилони халқи шаҳри Сарбанд, ноҳияи Ёвон ва Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон баррасӣ гардида, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Пешниҳодоти мазкур мутобиқи моддаи 23-юми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, бо дигар қонунҳои амалкунандаи ҳамин муносибатҳоро батанзимдароранда мухолифат надорад.

Маводи зарурӣ тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Кумита бо назардошти нишондодҳои зикргардида зарур мешуморад, ки пешниҳоди мазкур қобили дастгирист ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи деҳаи Туятоши шаҳри Сарбанд ва номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Қайроққуми вилояти Суғд» шурӯъ менамоем.

Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Қайроққум» дар ҷаласаи худ баррасӣ намуд. Тибқи пешниҳоди мазкур, таклиф ба миён гузошта шудааст, ки номи деҳаи Касканаи шаҳраки Зарнисор ба деҳаи Навобод, деҳаи Қаромазори шаҳраки Адрасмон ба деҳаи Зарчашма, деҳаи Замбараки шаҳраки Адрасмон ба деҳаи Гулшан, деҳаи Тариэкани шаҳраки Адрасмон ба деҳаи Гулдараи шаҳраки Адрасмони шаҳри Қайроққуми вилояти Суғд тағйир дода шавад.

Дар маҷмӯъ, пешниҳод шудааст, ки дар шаҳри Қайроққум номи чор деҳа тағйир дода шавад.

Зарурати тағйир додани номи деҳаҳо бевосита ба гиромидошти таъриху фарҳанги кишвар, Истиқлолияти давлатӣ, зебоӣ ва боигариҳои табиии диёр вобастагӣ дошта, нишони арҷгузорӣ ва тоза нигоҳ доштани забони давлатӣ, ба инобат гирифтани афкори умум ва хоҳиши сокинони ин деҳаҳо мебошад.

Пешниҳод доир ба тағйир додани номи деҳаҳои зикргардида дар маҷлисҳои умумии сокинони онҳо, маҷлисҳои ҷамоатҳо, Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Қайроққум ва Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд баррасӣ гардида, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Пешниҳоди мазкур мутобиқи моддаи 23-юми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, бо дигар қонунҳои амалкунандаи ҳамин муносибатҳоро батанзимдароранда мухолифат надорад.

Маводи зарурӣ тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Кумита бо назардошти нишондодҳои зикргардида, лозим мешуморад, ки пешниҳоди мазкур қобили дастгирист ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Қайроққуми вилояти Суғд» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи деҳоти Дӯстии шаҳри Ваҳдат» мебошад. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Ваҳдат «Оид ба тағйир додани номи деҳоти Дӯстӣ» дар ҷаласаи худ баррасӣ намуд. Тибқи пешниҳоди мазкур, таклиф ба миён гузошта шудааст, ки номи деҳоти Дӯстии шаҳри Ваҳдат ба номи Карим Исмоилов тағйир дода шавад.

Зарурати тағйир додани номи деҳот бевосита ба гиромидошт ва абадӣ гардонидани хотираи неки шахсияти барӯманду хизматнишондодаи диёр вобастагӣ дошта, нишони арҷгузорӣ ба меҳнати софдилона, ба инобат гирифтани афкори умум ва хоҳиши сокинони ин деҳот мебошад.

Пешниҳод доир ба тағйир додани номи деҳоти зикргардида дар маҷлисҳои умумии сокинони он, Маҷлиси Ҷамоат ва Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Ваҳдат баррасӣ гардида, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Пешниҳоди мазкур мутобиқи моддаи 23-юми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, бо дигар қонунҳои амалкунандаи ҳамин муносибатҳоро батанзимдароранда мухолифат надорад.

Маводи зарурӣ тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Ваҳдат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

(Идома дар саҳ. 6)

# Ба фазои ҳуқуқӣ се қонуни нав ворид гардида, чанд маҳалли аҳолинишин тағйири ном кард

(Идома аз саҳ. 1, 3, 4, 5)

Кумита, бо назардошти нишондодҳои зикргардида, лозим мешуморад, ки пешниҳоди мазкур қобили дастгирист ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи деҳоти Дӯстии шаҳри Ваҳдат» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи деҳаи Миденшори деҳоти Поршиневи ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба деҳаи Ваҳдат ва ба категорияи шаҳрак мансуб донистани он» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Иловович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон «Оид ба тағйир додани номи деҳаи Миденшори деҳоти Поршиневи ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба деҳаи Ваҳдат ва ба категорияи шаҳрак мансуб донистани он» мавриди баррасӣ қарор дод.

Бояд тазаккур дод, ки ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон «Оид ба табдил додани маркази маъмурии навтаъсиси ноҳияи Шуғнон ба шаҳраки Ваҳдат» таҳти №278 аз 31 майи соли 2012 бори аввал 6 июни соли 2012 ворид гардида буд ва бинобар сабаби баъзе мухолифатҳо ба талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва барои рафъи камбудиҳою мукаммалгардонӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонида шуда буд.

Баъди ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ва пурра мутобиқ намудан ба меъёрҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳоди мазкур аз нав ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардид.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон «Оид ба тағйир додани номи деҳаи Миденшори деҳоти Поршиневи ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба деҳаи Ваҳдат ва ба категорияи шаҳрак мансуб донистани он» таҳти №359 аз 11 июли соли 2012 раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ноҳияи Шуғнон вазифадор шудаанд, ки тарҳи шаҳраки Ваҳдати ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро бо тартиби муқарраргардида муайян намоянд. Инчунин Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №278 аз 31 майи соли 2012 «Оид ба табдил додани маркази маъмурии навтаъсиси ноҳияи Шуғнон ба шаҳраки Ваҳдат» аз эътибор соқит дониста шудааст.

Пешниҳод «Доир ба тағйир додани номи деҳаи Миденшори деҳоти Поршиневи ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба деҳаи Ваҳдат ва ба категорияи шаҳрак мансуб донистани он» дар маҷлисҳои умумии сокинони деҳаи Миденшор, Маҷлиси Ҷамоат, маҷлисҳои вакилони халқи ноҳияи Шуғнон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баррасӣ гардида, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Деҳаи Миденшор маркази деҳоти Поршинев буда, аз маркази вилоят 12 км ва аз пойтахти ҷумҳурӣ 518 км дур воқеъ аст ва дорои робитаи нақлиётии мунтазам мебошад. Деҳа дар канори роҳи Хоруғ-Душанбе ҷойгир буда, таърихан маркази фарҳанг ва тамаддуни Шуғнонзамин ба ҳисоб меравад. Дар ин мавзеъ шароити мусоид барои рушди минбаъдаи маркази маъмурӣ, пешрафти иқтисодиёт, соҳаҳои иҷтимоӣ ва беҳтар гардонидани сатҳи зиндагонии сокинони он мавҷуд аст.

Пешниҳоди мазкур мутобиқи моддаҳои 14, 17, 22 ва 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, бо дигар қонунҳои амалкунандаи ҳамин муносибатҳоро батанзимдароранда мухолифат надорад.

Маводи зарурӣ тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Кумита, бо назардошти нишондодҳои зикргардида, зарур мешуморад, ки пешниҳоди мазкур қобили дастгирист ва аз шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи деҳаи Миденшори деҳоти Поршиневи ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба деҳаи Ваҳдат ва ба категорияи шаҳрак мансуб донистани он» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС: -** Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Нуров Н.Э.» мебошад.

Сухан оид ба ин масъала ба мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ - намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Ҷумъа Маҳмадалиевич дода мешавад. Марҳамат.



**Ҷумъа ДАВЛАТОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии шумо пешниҳоди зерини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2012 таҳти №23.5/1-12 дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Нуров Нур Эрмонович манзур мешавад:

«Ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодро дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Нуров Нур Эрмонович ирсол менамоям».

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Нуров Нур Эрмонович» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ашӯров М.М.» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Ҷумъа Маҳмадалиевич.

**Ҷумъа ДАВЛАТОВ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии шумо пешниҳоди зерини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2012 таҳти №23.5/1-16 дар бораи муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ашӯров Маҳмудҷон Муъминович манзур мешавад:

«Ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодро дар бораи муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ашӯров Маҳмудҷон Муъминович ирсол менамоям.

Ашӯров Маҳмудҷон Муъминович соли 1951 дар шаҳри Душанбе таваллуд ёфтааст. Маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ ва 33 сол собиқаи кории касбӣ дорад. Аз соли 1982 дар системаи судӣ фаъолият дошта, дар вазифаҳои судяи Суди вилояти Ленинобод, судя, раиси Суди шаҳри Исфараи вилояти Ленинобод, раиси Суди шаҳри Ӯротеппаи вилояти Ленинобод, раиси Суди ноҳияи Ғончии вилояти Ленинобод, судяи Суди вилояти Суғд, муовини раиси Суди вилояти Суғд ва раиси Суди ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд кор кардааст.

Аз моҳи майи соли 2010 то имрӯз раиси Суди ноҳияи Шаҳринав мебошад.

Номзадии Ашӯров М.М. ба талаботи моддаи 85 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад».

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ашӯров М. М.» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**-Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия -Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қодиров Т.И.» мебошад. Марҳамат, Ҷумъа Маҳмадалиевич.

**Ҷумъа ДАВЛАТОВ:-Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии шумо пешниҳоди зерини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2012 таҳти №23.5/1-13 дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қодиров Тоҷидин Исмонкулович манзур мешавад:

«Ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодро дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қодиров Тоҷидин Исмонкулович ирсол менамоям.

Қодиров Тоҷидин Исмонкулович соли 1965 дар ноҳияи Восеъ таваллуд ёфтааст. Таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ва 19 сол собиқаи кории касбӣ дорад.

Аз соли 2004 дар системаи судӣ фаъолият дошта, дар мансабҳои судяи Суди шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон ва муовини раиси Суди ҳарбии гарнизони Душанбе кор кардааст.

Аз сентябри соли 2009 то имрӯз дар вазифаи раиси Суди ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон фаъолият дорад.

Номзадии Қодиров Т.И. ба талаботи моддаи 85 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқат мекунад».

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қодиров Т. И.» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** -Ба баррасии шумо масъалаи навбатии иҷлосия - Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Тошев С.» пешниҳод карда мешавад. Марҳамат, Ҷумъа Маҳмадалиевич.

**Ҷумъа ДАВЛАТОВ:- Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии шумо пешниҳоди зерини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2012 таҳти №23.5/1-14 дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Тошев Савридин манзур мешавад:

«Ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодро дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Тошев Савридин ирсол менамоям.

Тошев Савридин соли 1955 дар ноҳияи Файзобод таваллуд ёфтааст. Таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ва 31 сол собиқаи кории касбӣ дорад.

Аз соли 1987 дар системаи судӣ фаъолият дошта, дар мансабҳои судяи Суди халқии ноҳияи Ленин, судяи Суди ҳарбии гарнизони Душанбе, муовини раиси Суди ҳарбии гарнизони Душанбе ва судяи Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе кор кардааст.

Аз моҳи апрели соли 2010 то имрӯз дар вазифаи раиси Суди шаҳри Роғун фаъолият дорад.

Номзадии Тошев С. ба талаботи моддаи 85 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқат мекунад».

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Тошев С.» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** -Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия -Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Акрамов А.М.» мебошад. Марҳамат, Ҷумъа Маҳмадалиевич.

**Ҷумъа ДАВЛАТОВ:-Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии шумо пешниҳоди зерини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2012 таҳти №23.5/1-15 дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Акрамов Аҳтам Маҳрамович манзур мешавад:

«Ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодро дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Акрамов Аҳтам Маҳрамович ирсол менамоям.

Акрамов Аҳтам Маҳрамович соли 1959 дар ноҳияи Дарвоз таваллуд ёфтааст. Таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ва 28 сол собиқаи кории касбӣ дорад.

Аз соли 1995 дар системаи судӣ фаъолият дошта, дар мансабҳои судяи Суди ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе, судяи Суди ноҳияи Фрунзеи шаҳри Душанбе, муовини раиси Суди ноҳияи Роҳи оҳани шаҳри Душанбе ва раиси Суди ноҳияи Ҳисор кор кардааст.

Аз моҳи апрели соли 2010 то имрӯз дар вазифаи раиси Суди ноҳияи Файзобод фаъолият дорад.

Номзадии Акрамов А.М. ба талаботи моддаи 85 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқат мекунад».

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Акрамов А. М.» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**-Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия -Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Шоинов М.А.» мебошад.

Марҳамат, Ҷумъа Маҳмадалиевич.

**Ҷумъа ДАВЛАТОВ:-Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии шумо пешниҳоди зерини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2012 таҳти №23.5/1-17 дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Шоинов Мирзо Алимардонович манзур мешавад:

«Ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодро дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Шоинов Мирзо Алимардонович ирсол менамоям.

Шоинов Мирзо Алимардонович соли 1962 дар шаҳри Душанбе таваллуд ёфтааст. Таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ва 25 сол собиқаи кории касбӣ дорад. Аз соли 1995 дар системаи судӣ фаъолият дошта, дар вазифаҳои судяи Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, судяи Суди ноҳияи Рӯдакӣ, судяи Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, судяи Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, судяи Суди ҳарбии гарнизони Душанбе, судяи Суди шаҳри Душанбе ва раиси Суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе фаъолият намудааст.

Аз моҳи майи соли 2010 то имрӯз раиси Суди ноҳияи Ҷиргатол мебошад.

Номзадии Шоинов М.А. ба талаботи моддаи 85 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқат мекунад».

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Шоинов М. А.» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**-Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия -Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоб намудани узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният» мебошад.

Пешниҳод менамоям, ки узви Маҷлиси миллӣ Абдураҳмонов Саидумрон Назарович узви кумитаи номбурда интихоб карда шаванд.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният интихоб намудани Абдураҳмонов С. Н.» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**-Ба баррасии шумо масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тағйир додани ҳайати Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ» пешниҳод карда мешавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тағйир додани ҳайати Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**- Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба намояндаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шумор меравад.

Пешниҳод менамоям, ки раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Бахтиёр Таварович Худоёров намояндаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

*Доир ба ин масъала Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

Масъалаи охирини рӯзномаи иҷлосия -Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба замимаи №1 Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №253 аз 15 декабри соли 2011 «Дар бораи тасдиқи сохтор, рӯйхати вазифаҳо, шумораи кормандони Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сметаи хароҷотии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» низ баррасӣ гардида, вобаста ба он Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.



**РАИС: -** Раиси Котибот гуфтание доред? Нест.

**Мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Тавре аз воситаҳои ахбори омма огаҳӣ доред ҳайати бонуфузи парламентии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 то 20 майи соли 2012 барои иштирок дар ҷаласаи Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, кори комиссияҳои доимии он, инчунин чорабиниҳои Ассамблеяи Байнипарламентии Иттиҳоди иқтисодии Аврупову Осиё, Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва Конгресси панҷуми байналмилалии экологии Нева ба шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия сафари корӣ анҷом дод.

Ҳайати парламентии мо дар ҳама чорабиниҳои номбурда фаъолона ширкат варзида, бо мавқеи хоси хеш бобати таҳкими робитаҳои байнипарламентӣ ва ҳамкории судманди намояндагони мардумии кишварҳоямон ҷиҳати рушду такомули парламентаризми муосир ва бо василаи бунёди фазои ҳуқуқии ҷавобгӯи меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалӣ боз ҳам густариш бахшидан ба ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷабҳаи халқу кишварҳои Иттиҳод кӯшиш ба харҷ доданд.

Боиси ифтихор аст, ки дар фарҷоми чорабиниҳо бо пешниҳоди қаблии мо як зумра аъзои фаъоли Маҷлиси миллӣ бо мукофотҳои Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ассамблеяи Байнипарламентии Иттиҳоди иқтисодии Аврупову Осиё сарфароз гардонида шудаанд.

Роҳбарони парламентҳо ба мувофиқа расиданд, ки мукофотҳоро раисони парламентҳо дар ҷойҳо дар фурсатҳои муносиб ва ботантана супоранд. Инак, бо қаноатмандӣ ин вазифаи фахриро иҷро менамоем.

***Мукофотонида шудаанд:***

**Бо мукофоти олии Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил – ордени «Содружество»**

**Қоҳир Расулзода** - муовини аввали Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Бо медали ҷашнии тиллоии «МПА СНГ – 20 лет»**

**Убайдуллоев Маҳмадсаид** - Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Хайруллоев Сайдулло** - раиси Комиссияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур

**Маҳкамов Қаҳҳор** - узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният

**Бо медали ҷашнии нуқрагини «МПА СНГ – 20 лет»**

**Илолов Мамадшо** - раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният

**Абдуназаров Хисрав Насруллоевич** - узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология

**Бо Ифтихорномаи фахрии Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил**

**Қодири Қосим** - муовини Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатов Матлубхон Султонович** - собиқ раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия

**Саидов Нуриддин Саидович** - собиқ раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ

**Авзалов Ғайбулло Саидович** - муовини раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия

**Бо Ифтихорномаи фахрии Ассамблеяи Байнипарламентии Иттиҳоди иқтисодии Аврупову Осиё**

**Азизов Абдулафиз** - узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеа

**Шарипов Садридин Файзиевич** - муовини раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология

**Бо медали ҷашнии «МПА СНГ – 20 лет»**

**Қурбонов Холбой Батирович** - мудири шӯъбаи Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ оид ба робитаҳои байнипарламентӣ

**Саидов Шавкат Норкузиевич** - ёвари Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба робита бо воситаҳои ахбори омма ва созмонҳои ғайридавлатӣ

***Мукофотҳоро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев супорид.***

**РАИС:** -Ҳамаи масъалаҳои рӯзномаи Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баррасӣ шуданд. Доир ба тартиби бурдани иҷлосия, баррасӣ намудани масъалаҳо таклифу эродҳо ҳастанд? Ба раисони кумитаҳо, аъзои Маҷлиси миллӣ барои иштироки фаъолонаатон дар кори иҷлосия ташаккур мегӯем.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, ҳамаи шуморо бо фарорасии моҳи шарифи Рамазон муборакбод намуда, ба шумо ва пайвандонатон поктинативу ростқавлӣ ва ҳалолкориву садоқат таманно менамоем.

Умедворам дар моҳи шарифи Рамазон корҳои хайру наҷиби созандаро пешаи худ намуда, дар таҳкими рушди устувори кишвар саҳмгузор хоҳед буд.

Бо ҳамин Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро пӯшида эълон менамоям.

*(Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад)*

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***Абдулмаҷид МУРОДОВ,***
***Аъзам МӮСОЕВ,***
***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

## Вакилони халқ 1938-2010



# ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

### МАХСУМОВА Мушарафа

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Павлов №65, шаҳри Ленинобод***



Соли 1915 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Баъди хатми Институти тиббии Тошкент дар шаҳри Тошкент, баъд солҳои 1943-1955 дар шаҳри Ленинобод духтури консултатсияи бачагона шуда кор мекард. Аз соли 1955 духтур-педиатри таваллудхонаи Ленинобод буд.

Бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» мукофотонида шудааст.

### УМАРОВ Очилбой

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии ба номи Содирхон №66, шаҳри Ленинобод***



Соли 1928 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1948 сар кардааст. Соли 1954 баъди адои хизмати ҳарбӣ дар Заводи автомобилтаъмиркунии Ленинобод шогирди устои сехи харротии механикӣ ва коркуни сехи моторсозӣ, соли 1957 сардори бригадаи сехи моторсозӣ шуда кор кардааст.

### ЭРГАШЕВ Султон Бобоевич

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Сирдарё №67, шаҳри Ленинобод***



Соли 1929 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ. Институти политехникии Осиёи Миёнаро хатм кардааст.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1953 сар кардааст. Аз соли 1955 геолог ва сардори Экспедитсияи ҷустуҷӯии геологӣ шуда кор мекард. Соли 1961 ба кори роҳбарикунандаи ҳизбӣ пешбарӣ карда шуд. Котиби Кумитаи Марказии ҲК Тоҷикистон, раиси бюрои КМ ҲК Тоҷикистон оид ба роҳбарии саноат ва сохтмон буд.

### ҚОСИМОВА Тӯтӣ

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Хуҷанд №68, шаҳри Ленинобод***



Соли 1917 дар Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1934 калобачии Комбинати шоҳибофии Ленинобод шуда сар кардааст. Баъд ба фабрикаи шоҳибофӣ гузашта, бофанда шуда кор кард. Аз соли 1958 инструктори сехи бофандагии Фабрикаи шоҳибофии «Красний ткач»-и Ленинобод буд.

### ҲАСАНОВ Қаҳҳор Ғафурович

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Гогол №69, шаҳри Ленинобод***



Соли 1927 дар шаҳри Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1943 сар кардааст. Аз соли 1948 дар вазифаҳои роҳбарикунандаи комсомолӣ, Шӯравӣ ва ҳизби Коммунисти шаҳрҳои Ленинобод ва Конибодом кор мекард.

Соли 1957 котиби якуми КМ ЛКСМ Тоҷикистон, аз соли 1960 котиби якуми Кумитаи ҳизби Коммунисти шаҳри Ленинобод шуда кор мекард.

Бо орденҳои «Нишони Фахрӣ» ва медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

### РАҲИМОВА Анзурат

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Роҳи оҳан № 70, шаҳри Ленинобод***



Соли 1922 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1940 сар кардааст. Аз соли 1956 то соли 1960 котиби Кумитаи ҳизби коммунисти вилоятии Ленинобод, ҷонишини вазири маданияти ҷумҳурӣ шуда кор кардааст. Аз соли 1960 вазири таъминоти сотсиалии ҶШС Тоҷикистон буд.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», ду медал ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

### САМОЙЛОВ Леонид Николаевич

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Норак №71, шаҳри Норак***



Соли 1919 дар вилояти Ярославл таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус, таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1937 сар кардааст. Дар Заводи таъмири механикии Данилов челонгар, дар сохтмони НОБ-ҳои Верхне-Свирск, Каховка, НОБ-и Днепродзержинский мошинисти экскаватор буд. Аз соли 1961 мошинисти экскаватори сохтмони НОБ-и Норак буд.

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат ва медалҳои «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва «Барои ғалаба бар Япония» мукофотонида шудааст.

### КАРИМБЕРДИЕВ Худойбердӣ

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Комсомол №72, шаҳри Панҷакент***



Соли 1928 дар деҳаи Дардари ноҳияи Айнӣ таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро аз соли 1946 ба сифати узви колхози ба номи Свердлови ноҳияи Айнӣ сар кардааст. Аз соли 1950 коргар ва аз соли 1958 нақбкани қитъаи истифодашавандаи комбинат шуда кор кардааст.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**

**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

## АГАР СУҒУРТА ДОРЕД, УМЕДИ КӮМАК КУНЕД

-Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» фаъолияти худро бо ду шакли суғурта - ихтиёрӣ ва ҳатмӣ амалӣ гардонида, аз рӯйи 36 намуди суғурта ба аҳолӣ хизмат мерасонад, ки 13 намудаш суғуртаи ҳатмӣ ва 23 намуди дигараш ихтиёрӣ мебошад, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ муовини аввали директори генералии КВД «Тоҷиксуғурта» Абдулло Абдуллоев.

Дар шаш моҳи аввали соли 2012 кормандони КВД «Тоҷиксуғурта» бо 563 ҳазору 300 нафар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ шартномаҳои суғуртавӣ бастаанд, ки аз ин 148 ҳазору 300- тоаш суғуртаи ҳатмӣ ва 415 000 - тоаш ихтиёрӣ мебошад, Дар ин давра ба 8 ҳазору 200 нафар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки ба молу амвол ва саломатиашон осеб расидааст, ба маблағи 6 миллиону 136 ҳазору 200 сомонӣ ҷуброн талофӣ шудааст.

Барои расонидани кӯмак ба зарардидагони офатҳои табиӣ тӯли шашмоҳаи соли 2012 КВД «Тоҷиксуғурта», дар сурати мавҷуд будани суғуртаи ҳатмӣ, кӯмаки худро ирсол намуд. Дар баробари ин, ба оилаҳои аз заминларзаи 13 майи соли равон дар водии Рашт ва ноҳияи Тавилдара зарардида - ноҳияҳои Рашту Нуробод 77 ҳазор сомонӣ ва ба ноҳияи Тавилдара, ки 90 манзили истиқоматӣ вайрону валангор гардидааст, ба маблағи 32 ҳазор сомонӣ кӯмак расонидааст.

Масъулини корхона иброз доштанд, ки қисми зиёди соҳибони манзилҳои истиқоматии ноҳияи Тавилдара шартномаи суғурта надоранд. Биноан, баъди рух додани заминларза онҳо натавонистанд ба зарардидагон кӯмаки бештар расонанд.

***М. ХУДОЙНАЗАРОВ, «Садои мардум»***

# *Аз нишастҳои матбуотӣ*

## НИЗОМИ ЯГОНАИ ИТТИЛООТӢ ФАЪОЛ ГАРДИДААСТ

-Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар баробари он фаъолиятҳое, ки ба бонкҳои тиҷоратӣ низ хос аст, хизматрасонии соҳаи буҷет, нафақа, дастрас кардани ҷубронпулиҳо, кӯмакпулиҳо, қабули маблағҳои коммуналӣ, фурӯши вомбаргҳои бурдноки давлатӣ ба аҳолӣ ва ғайраро ба ӯҳда дорад, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ раиси раёсати БДАТ «Амонатбонк» Гулнора Ҳасанова.

Аз суханони мавсуф маълум гашт, ки бонк айни замон ба 6 202 муассисаи соҳаи буҷетӣ, 6518 корхонаи ғайрибуҷетӣ, 561 ҳазор нафар нафақагирони мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, 17 ҳазор нафар нафақагирони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, 277 ҳазор нафар амонатгузорон, умуман ба зиёда аз 2 млн. нафар мизоҷон бо 507 адад маркази хизматрасонӣ (оҷонсиҳо) ва 75 филиал хизматрасонӣ менамояд.

Дар ҳамин радиф, дороиҳои бонк ба санаи 30 июни соли 2012 маблағи 1171 млн. сомониро ташкил додааст, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2011-ум 53,2 фоиз зиёд гардидааст.

Аз рӯйи натиҷаи ҷамъбасти нимсолаи аввали соли ҷорӣ даромад то андозбандӣ маблағи 13,2 млн. сомонӣ ва баъди андозбандӣ маблағи 9,9 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,6 маротиба зиёд мебошад.

Дар шаш моҳи соли 2012 гардиши умумии ҳисоббаробаркуниҳо бо асъори бақияи сандуқи қарзии бонк 351,8 млн. сомониро ташкил менамояд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10,1 фоиз зиёд мебошад.

Бояд зикр кард, ки аз соли 2009 инҷониб механизми нави пардохти нафақа тавассути кортҳои бонкӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Норак, Ваҳдат, Исфара, Истиқлол, Истаравшан ва Турсунзода ба роҳ монда шудааст.

Ба саволҳои корманди рӯзнома бобати иқдомоти бонк баҳри фаъол намудани низоми ягонаи иттилоотӣ миёни БДАТ «Амонатбонк», Вазорати молия, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҷумҳурӣ, ки аз супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд ва сабабҳои қаноатбахш набудани вазъи хизматрасонии баъзе оҷонсиҳои бонк посух гуфта, Гулнора Ҳасанова минҷумла зикр намуд, ки то ин замон дар ҳафт оҷонсии бонк низоми ягонаи иттилоотӣ роҳандозӣ гашта, айни замон дар ду оҷонсӣ ин низом муназзам амал менамояд. Вобаста ба камбудиҳои дар фаъолияти баъзе оҷонсиҳо ҷойдошта зикр шуд, ки роҳбарияти бонк ояндаи наздик баҳри рафъи онҳо ҳатман чораандешӣ хоҳад кард.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

## МАҚСАД - БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

-Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар нимсолаи аввали соли 2012 роҳбарияти Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат ба он эътибори ҷиддӣ дода, фаъолияти ҳайати профессорӣ- омӯзгориро ба он равона карда буд, ин баланд бардоштани сифати таҳсилот мебошад, ки дар натиҷа сифати таълим, иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва тарбиявӣ боло рафт, - иброз дошт дар оғози нишасти матбуотӣ муовини ректори донишкада оид ба таълим Шермамад Ҷонмамадов.

Роҳбарияти донишкада дар ин давра бо мақсади таъмини сифати таҳсилот як қатор чорабиниҳоро амалӣ намуда, кафедраи нави тахассусии «Менеҷмент ва маркетинг»-ро таъсис дода, онро ба факултети хизматрасонии иттилоотӣ ва маркетинг тобеъ кард.

Муовини ректор оид ба илм Саид Аҳмадов гуфт, ки дар соли таҳсили 2011-2012 донишкадаро 1007 нафар донишҷӯй хатм карданд. Нишондиҳандаҳои шашмоҳаи соли 2012 дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2011 сифатан беҳтар шуда, шумораи хатмкардагон 180 нафар зиёд шудааст.

- Вазифаҳои муҳим дар пеш истодаанд. Ҳалли онҳо кӯшишу заҳмати зиёдро талаб менамояд, вале ин ҳама ҳалшавандаанд, фақат ҳайати кормандони илмӣ-омӯзгории донишкадаро зарур аст, ки бо кӯшишу ғайрати дучанд меҳнат кунанд, - гуфт дар поёни нишасти матбуотӣ Ш. Ҷонмамадов.

***З. МУҲАММАД, «Садои мардум»***

## Ҷустуҷӯву иктишоф мутахассисони касбиро тақозо менамояд

-Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2012 аз рӯйи 37 лоиҳа ба маблағи 2270181 сомонӣ ва корҳои шартномавиро аз рӯйи 95 лоиҳа дар ҳаҷми 3505004 сомонӣ иҷро намудааст, -гуфт зимни нишасти матбуотӣ сардори идора Азим Иброҳим

Баҳри дастгирӣ ва ҷалби соҳибкорони ватанӣ дар самти истифодабарии қаъри замин дар нимсолаи аввали соли 2012 дар Шӯрои илмии техникии Саридораи геология 13 ҳисобот, яъне ду кони оҳаксанг, панҷ кони гилу хок ва шаш кони регу шағал баррасӣ гардид. Истифодаи босамари ин канданиҳои фоиданок боиси пешрафти саноат ва бо ҷойи кор таъмин гардидани зиёда аз дусад нафар коргарони ин соҳа мегардад.

Албатта, барои пешрафти соҳаи геологӣ таҷҳизоти навтарини технологӣ саҳми муҳим доранд. Дар ин маврид Саридораи геология аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамарказ дар нимсолаи аввали соли 2012 таҷҳизот барои бор намудани ҷинсҳои кӯҳии LBZ30A, барои кандани ҷинсҳои кӯҳии 7Y- 1150 D – 3 адад ва дастгоҳи барқтавлидкунандаи ДЭС-100-ро харидорӣ намуда, ба корхонаҳои зертобеи худ тақсим намудааст.

-Тайёр намудан ва дар истеҳсолот кор кардани мутахассисони соҳаи геология масъалаи рақами якум мебошад, - иброз намуд Азим Иброҳим.

Саридораи геология бо донишҷӯёни фаъоли факултети геологияи Донишгоҳи миллӣ мукотибаи доимӣ дошта, дар таҳсилоти онҳо аз ҷиҳати моддӣ кӯмаки молиявӣ мерасонад.

Ба хотири омӯзиши технологияи нави корӣ 14 нафар кормандони Саридораи геологӣ аз курсҳои омӯзишӣ гузаштанд. Бо дастгирии Хадамоти геологии Финляндия ҳафт нафар мутахассисони ҷавон дар Ҷумҳурии Қазоқистон ва ду нафар дар Финляндия ба омӯзиш фаро гирифта шуданд.

Мутахассисони ин соҳа ҳамчун фидоии касби худ метавонанд моҳҳо дур аз аҳли байт дар паи ҷустуҷуи геологӣ бошанд. Аз ин рӯ, дастгирии ҳаматарафаи соҳа боиси пешрафт ва тараққии корҳои ҷустуҷӯйи канданиҳои фоиданоки ҷумҳурӣ мегардад.

***Б. МИРЗО, «Садои мардум»***

## ПАРВАНДАҲО ДАР СОҲАИ ИҚТИСОДӢ БЕШТАР БАРРАСӢ МЕШАВАНД

- Дар нимсолаи аввали соли 2012, - гуфт дар нишасти матбуотӣ раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Наим Мансуров, - аз ҷониби марҳилаҳои судии Суди Олии иқтисодӣ 208 парванда ва 81 арзу шикоят баррасӣ шудааст.

Ба фоидаи буҷети давлат дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон боҷи давлатӣ ба маблағи 503 414 сомонӣ рӯёнида шудааст, ки аз ин амалан ба буҷети давлат 385 820 сомонӣ ворид гардидааст. Маблағи амалан воридшуда нисбат ба нимсолаи аввали соли 2011-ум 172 306 сомонӣ зиёд мебошад. Маблағи даъвоҳои парвандаҳои дар Суди Олии иқтисодӣ қаноаткарда 10.801.754 сомонӣ ва 1. 282. 058 доллари ИМА- ро ташкил медиҳад.

Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2012 парвандаҳоро вобаста ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои давлат, ташкилотҳо ва шаҳрвандон дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ баррасӣ намудааст. Маълумоти оморӣ муайян намуд, ки аксарияти парвандаҳои марҳилаи якум оид ба дараҷаҳои рӯёнидани маблағи қарз, дар бораи баргардонидани кредит, беэътибор донистани санадҳои ғайримеъёрии мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ ва мақомоти дигар баррасӣ карда шудааст.

Бо мақсади иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯйии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сохтори давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амният барои солҳои 2012-2015, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №97 аз 1 марти соли 2012 тасдиқ карда шудааст, аз ҳисоби судяҳои Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳҳои корӣ ҷиҳати омӯзиши қонунгузории амалкунанда вобаста ба таҳияи лоиҳаҳои кодексу қонунҳо ташкил шудааст.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

## Симои шаҳру ноҳияҳо тағйир меёбад

-Дар моҳҳои январ-июни соли 2012 ба масоҳати умумии 247 ҳазору 513 метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ, барои 510 ҷойи нишаст мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дармонгоҳ барои 37 кат ва беморхона барои 32 кат сохта, ба истифода дода шуданд. Дар нимсолаи аввал инвеститсияи сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоядиҳӣ ба маблағи 1 миллиарду 707 миллиону 68 ҳазор сомонӣ истифода шудааст, - иброз намуд муовини аввали директори Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Султонов

Айни замон 30 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ дар асоси нақшаҳои генералии амалкунанда кор карда, дар коркарди Пажӯҳишгоҳи лоиҳакашии «Шаҳрофар» нақшаҳои генералии шаҳрҳои Истаравшан, Конибодом, Панҷакент, Табошар, Исфара, шаҳраки Нови ноҳияи Спитамен, ноҳияҳои Дарвозу Темурмалик ва Мӯъминобод қарор дорад. Нақшаи генералии шаҳри Душанбе то охири соли 2012 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад. Дар назар аст, ки масоҳати умумии шаҳри Душанбе васеъ карда шавад.

Аз тарафи Раёсати экспертизаи давлатии ғайридоравии лоиҳаҳои сохтмон ҳангоми аз ташхиси давлатӣ гузаронидани лоиҳаҳои сохтмони иншоотҳо масъалаҳои истифодаи таҷҳизоти каммасрафи барқӣ бо технологияҳои сарфакунандаи захираҳо ва энергия дар асоси маводҳои баландсифат, ҳифзи гармӣ, зеристгоҳҳои барқӣ, қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо манзили истиқоматии дастрас ва гуногундараҷа бо ҳузуру ҳаловати гуногун ба назар гирифта шуда, мавриди амал қарор дорад. Шумораи лоиҳаҳои сохтмонии барои гузаронидани ташхиси давлатӣ пешниҳодшуда 253 адад буда, 225 адади он ташхиси давлатӣ гирифтанд.

***Б. ХОЛ, «Садои мардум»***

## МУРОҶИАТИ ШАҲРВАНДОН БЕҶАВОБ НАМЕМОНАД

Раиси ноҳияи Варзоб Акбар Ятимов зимни нишасти матбуотӣ аз натиҷаҳои фаъолияти соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт фарҳанг, маориф сухан ронда, аз ҷумла иброз намуд, ки дастовардҳои шашмоҳаи аввали соли 2012 қаноатбахш аст. Дар ин давра ҳаҷми Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ 12 миллиону 109 ҳазор сомониро ташкил дод, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 847,6 ҳазор сомонӣ зиёд аст. Нақшаи ҷамъоварии андоз, бо назардошти андози иҷтимоӣ, 6 миллиону 437 ҳазору 388 сомонӣ иҷро гардида, барои маблағгузории ҳама соҳаҳо шароити мусоид фароҳам омад.

Акбар Ятимов зикр кард, ки дар шашмоҳаи аввали соли равон ба шӯъбаи умумии дастгоҳи раиси ноҳия 1176 муроҷиату дархости шаҳрвандон ворид гардида, аз шумораи умумии онҳо 402 адад омӯхта шуда, 773 аризаи дигар дар ҳолати баррасӣ қарор дорад.

Ҳамчунин тибқи супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар рӯзи шанбеи ҳафта аз ҷониби раиси ноҳияи Варзоб қабули шаҳрвандон ба роҳ монда шудааст. Дар шашмоҳаи сипаришуда 157 шаҳрванд қабул шуда, арзу шикояти онҳо дар ҷояш баррасӣ гардид. Роҳбарияти ноҳияи Варзоб мекӯшад, ки муроҷиати шаҳрвандон бенатиҷа намонад.

Ҳоло дар ноҳия ва деҳоти он бунёди мактабу бунгоҳҳои тиббӣ ба нақша гирифта шудааст, ки онҳо марҳила ба марҳила мавриди истифода қарор мегиранд. Дар рафти нишасти матбуотӣ хабарнигорон оид ба фаъолияти сохтору идораҳои мақомоти иҷроияи ноҳия маълумоти қаноатбахш гирифтанд.

***Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»***

## НАЗОРАТРО ПУРЗӮР МЕКУНАНД

-Назорати риояи қонунгузорӣ ва самараноку оқилона истифода бурдани замин самти асосии кори Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, - иброз дошт роҳбари идора М.Зокиров дар нишасти матбуотӣ бо хабарнигорон.

Дар шашмоҳаи соли 2012 аз ҷониби мақомотҳои заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6209 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин ошкор ва нисбат ба 5426 ҳолат дастур, 3408 ҳолат протокол ва 3393 ҳолат қарорҳои ҷаримабандӣ ба маблағи 1191585 сомонӣ баста шуданд.

Дар нимсолаи аввали соли 2012 аз тарафи кормандони Кумитаи давлатӣ санҷиши риояи талаботи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияҳои Ёвон ва Тоҷикобод гузаронида шуд. Маълум шуд, ки бар хилофи қонунгузорӣ, баъди гузаронидани инвентаризатсияи атрофи заминҳои маҳалли аҳолинишин дар ноҳияи Ёвон 30,13 гектар замин, аз он ҷумла 2,32 гектар замини корамии обӣ, 0,24 гектар дарахтони бисёрсола, 9,31 гектар чарогоҳ, 18,0 гектар хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон ва заминҳои ғайрикишоварзӣ 0,26 гектар ва дар ноҳияи Тоҷикобод 9,87 гектар замин, аз он ҷумла 3,34 гектар замини корами обӣ, 4,69 гектар дарахтони бисёрсола, 0, 90 гектар чарогоҳ ва 0,94 гектар хоҷагиҳои иловагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон ғайриқонунӣ тақсим карда шудааст.

Ба ҳамин монанд оид ба риояи талаботи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ, вилояти Суғд, Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ санҷишҳо гузаронида, як қатор камбудиҳо ошкор ва барои рафъи онҳо чораҳои дахлдор андешида шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ баҳри татбиқи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати аз ҷониби роҳбарони аввали мақомоти давлатӣ ба роҳ мондани қабули шаҳрвандон дар рӯзҳои шанбе 137 нафар қабул ва масъалаҳои онҳо шунида шуданд.

***М. БОБОКАЛОНОВ, «Садои мардум»***

# ДОНИШГОҲЕ, КИ МУСОИДАТКУНАНДАИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛИСТ

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳарчанд зодаи даврони Шӯравӣ бошад ҳам, вале аксарияти муваффақияту дастовардҳо, боло рафтани обрӯю нуфуз ва дар арсаи байналмилалӣ эътироф гардиданаш ба замони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон рост меояд.

Соли 1987 тибқи Қарори Шӯрои Вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ ва Қарори Иттифоқи марказии ҷамъиятҳои матлуботи Иттиҳоди Шӯравӣ дар заминаи нуқтаи таълимӣ-машваратии дар шаҳри Душанбебудаи Донишкадаи кооперативии Самарқанд филиали душанбегии Донишкадаи савдои советии кооперативии шаҳри Новосибирск таъсис шуд.



Бо Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 1991 таҳти рақами 354 филиали мазкур ба Донишкадаи тиҷорати Тоҷикистон ва аз марти соли 1993 таҳти рақами 126 ба Донишкадаи давлатию кооперативии тиҷорати Тоҷикистон табдил дода шуд.

Сеюми апрели соли 2000-ум бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 162 Донишкадаи давлатию кооперативии тиҷорати Тоҷикистон ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон табдил ёфт.

Донишгоҳ борҳо аз аккредитатсияи давлатӣ гузашта, соҳиби шаҳодатномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст ва мутахассисонро аз рӯйи 23 ихтисосу зерихтисос тайёр мекунад.

Бо назардошти зарурияти воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳон мутобиқи дастури Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон донишгоҳи фавқуззикр аввалин шуда миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҷараёни таълимро тибқи низоми кредитии таҳсилот ба роҳ монд, ки ҳоло натиҷаи дилхоҳ медиҳад.

Дар ташкил ва рушди донишгоҳ саҳми собиқ ректорони донишгоҳ А.Р.Бернвалд, А.Ғ.Ғозибеков, Г.М.Кокова, О.Б.Бобоев, Ҳ.Н.Фақеров хеле калон аст. Бахусус, дар давраи роҳбарии профессор Ҳамидуллохон Фақеров донишгоҳ аз лиҳози моддӣ-техникӣ хеле мустаҳкам гардид. Аз ҷумла китобхонаи замонавӣ ба истифода дода шуда, сохтмони бинои нави таълимӣ оғоз гардид ва ғайра.

-Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ соли 2009 дар Рӯзи донишҷӯ дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои устодону донишҷӯёни донишгоҳ воқеаи басо хотирмону фаромӯшнопазир маҳсуб меёбад. Боиси хурсандист, ки Роҳбари мамлакат маҳз аз толори васею барҳавои замонавии ДДТТ соли 2010-ро «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» эълон намуданд,- мегӯяд ректори донишгоҳ доктори илмҳои иқтисод, профессор Мумин Шарипов.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ДДТТ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассиси донишгоҳ-Раёсати Иттифоқи «Тоҷикматлубот», Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кӯшишҳои ҳамешагии устодону профессорон ба як қатор муваффақият ноил гардидааст. Соли 2007 бо нишони «Сифати Аврупо» ва соли 2009 бо нишони «Муассисаи беҳтарини Аврупо» сазовор гардидани донишгоҳ далели ин гуфтаҳост.

Раёсати донишгоҳ бо дастгирии раиси Раёсати Иттифоқи «Тоҷикматлубот» Сироҷиддин Валиев барои фароҳам овардани шароити мусоиди таълим тадбирҳои мушаххас андешидааст. Фаъолияти муназзами маркази тестии бо 100 адад компютер фардии замонавӣ ҷиҳозонидашуда, маркази омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бонки таълимии донишгоҳ, озмоишгоҳҳои нави илмӣ-таълимии молшиносӣ ва экспертизаи молҳо, технологияи хӯроки омма, ба истифода додани бинои нави таълимӣ гувоҳи гуфтаҳои боло мебошад. Бинои нави таълимӣ, ки дар ифтитоҳи он Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон иштирок дошт, бо таҷҳизоти таълимии замонавӣ ҷиҳозонида шуда, дорои чор толори лексионӣ бо 400 ҷойи нишаст, ду синфхонаи лингофонӣ ва толор барои гузаронидани конференсияҳои байналмилалӣ мебошад. Дар толори лексионӣ тахтаҳои электронӣ насб шудаанд, ки аз онҳо устодон барои босифат гузаронидани дарсҳо самаранок истифода мебаранд. Дар ин бино чор аудитория барои гузаронидани машғулиятҳои амалӣ низ мавҷуд аст.

Дар маҷмӯъ, бино ба гуфти ректор, донишгоҳ дорои 140 синфхона, ҳафт лабораторияи таълимӣ ва 15 кабинети методӣ асту дар онҳо 4924 нафар донишҷӯ таҳсил мекунанд.

Дар донишгоҳ ба тайёр намудани кадрҳои илмӣ-омӯзгорӣ диққати махсус дода мешавад. Бо ин мақсад соли 1996 шӯъбаи аспирантура таъсис ёфта буд. Аз соли таъсисёфтӣ то моҳи майи соли 2012-ум дар ин шӯъба 34 нафар устоди донишгоҳ рисолаи номзадӣ ҳимоя карданд.

Аз моҳи марти соли 2010 дар донишгоҳ Шӯрои дифои рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ аз нав ба фаъолият шурӯъ намуд ва дар ин давра якчанд нафар рисолаҳои номзадӣ ва доктории хешро бомуваффақият ҳимоя намуданд.

Шӯъбаи магистратураи донишгоҳ дар ду бахш – рӯзона ва ғоибона фаъолият менамояд, ки дар онҳо 65 нафар магистр таҳсил менамоянд. Магистрҳо аз рӯйи ихтисосҳои зерин тайёр карда мешаванд: «Менеҷмент», «Умури бонкӣ», «Ҳуқуқи тиҷорат», «Бизнеси байналмилалӣ», «Иқтисоди корхона (фирма)». Донишгоҳ бо давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла ҷумҳуриҳои Исломии Эрон ва Афғонистон равобити илмӣ дошта, 34 нафар магистрантон шаҳрвандони ин давлатҳо маҳсуб меёбанд.

Аз моҳи феврали соли 2010 бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ дар факултети иқтисодиёти ҷаҳон ва ҳуқуқ барои донишҷӯёни ихтисоси 0606-иқтисодиёти ҷаҳон гурӯҳи махсуси таҳсил бо забони англисӣ ташкил карда шуд.

Дар ҳамин росто, муносибатҳои байналмилалии донишгоҳ низ сол то сол таҳкиму густариш меёбанд. Аз ҷумла даҳ нафар донишҷӯёни донишгоҳ дар донишгоҳҳои хориҷа, ба мисли Амрико, Белгия, Чехия, Испания, Белоруссия таҳсили худро дар магистратура давом медиҳанд. Инчунин донишҷӯён аз давлатҳои Эрон, Афғонистон, Чин, Қазоқистон, Туркманистон, Ӯзбекистон дар донишгоҳ дар зинаҳои бакалавриат, магистратура, аспирантура ва докторантура таҳсил менамоянд.

Дар сохтори муассисаи таҳсилоти олии касбии фавқуззикр ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба монанди «Маркази технологияи пешқадами таълим» ва «Институти ҷамъиятии бухгалтерон ва аудиторони касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Маркази рушди туризм», бахшҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва инноватсионӣ фаъолият менамоянд.

Донишгоҳ бо ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла «Бунёди Сорос», «Темпус», «Фонди Евразия», «Еразмус-Мундус» робитаҳои хеле хуб дорад. Ҳоло донишгоҳ дар иҷрои ду лоиҳаи байналмилалӣ: «CANQA» ва «Персиус», ки аз ҷониби «Темпус» маблағгузорӣ мешаванд, фаъолона саҳмгузор аст.

Ҷоиз ба зикр аст, ки дар арафаи таҷлили 90-солагии кооператсияи матлуботи ҷумҳурӣ ва 25 - солагии донишгоҳ ихтисоси 250103- иқтисодиёти ҷаҳонӣ факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва ҳуқуқ аз аккредитатсия байналмилалӣ гузашта, нахустин шуда дар ҷумҳурӣ соҳиби шаҳодатномаи аккредитатсияи барномавии байналмилалӣ гардид, ки қадами устуворест дар роҳи баланд бардоштани сифати таълим ва тӯҳфаи арзандае ба ҷашнҳои зикргардида.

Даҳаи сеюми моҳи майи соли ҷорӣ, алалхусус рӯзҳои 23-25-ум, аҳли кормандони соҳаи кооператсияи матлуботи ҷумҳурӣ, аз ҷумла Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, аз ҳарвақта дида серкору сертараддуд буданд, зеро гузаронидани чорабиниҳо бахшида ба 90-солагии кооператсияи матлуботи ҷумҳурӣ, ҷаласаи навбатии Ассотсиатсияи Лигаи Иттифоқҳои миллии (ҷумҳуриявии) ташкилотҳои кооператсияи матлуботи кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, 25-солагии таъсисёбии донишгоҳ ва ҷаласаи 14-уми Шӯрои ректорони мактабҳои олии кооператсияи матлуботи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба ин рӯзҳо рост омад.

Дар чорабиниҳои зикршуда, ки дар толори Иттифоқи Тоҷикматлуот дар сатҳи баланд доир гардид, раиси Шӯрои Иттифоқи ҷамъиятҳои матлуботи Федератсияи Россия Кузнетсов Евгений Николаевич, раиси Раёсати Иттифоқи ҷамъиятҳои матлуботи Федератсияи Россия Зайсева Людмила Виталевна, проректори Донишгоҳи кооператсияи Федератсияи Россия Насруддинов Илдар Талифович, муовини аввали раиси Раёсати Иттифоқи ҷамъиятҳои матлуботи Белорусия Яковчитс Александр Владимирович, раиси Раёсати Иттифоқи ҷамъиятҳои матлуботи Украина Гончаренко Владислав Василевич, ректори Донишгоҳи иқтисод ва савдои Полтава Нестуля Алексей Алексеевич, раиси Раёсати Иттифоқи ҷамъиятҳои матлуботи Қазоқистон Ашляев Хазбулат Сопижанович, директори маркази тадқиқотии Донишгоҳи иқтисодии Қараганда Тоубаев Айапберген Алданаевич, раиси Раёсати Иттифоқи ҷамъиятҳои матлуботи Қирғизистон Абакиров Ҷамбул Макенович, ректори Донишгоҳи кооператсияи матлуботи ҳамин ҷумҳурӣ Токтоматов Кантеро Шарипович ва проректори Донишгоҳи кооперативии Озарбойҷон Зулфигаров Элдар Ислом оғлӣ иштирок доштанд.

Ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таҳти роҳбарии сарвари масъулиятшиносу худогоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мумин Шарипов ва дар заминаи дастгириҳои мунтазами Иттифоқи «Тоҷикматлубот», хоса раиси Раёсати он Сироҷиддин Валиев, ба он ноил шудаанд, ки фаъолияти донишгоҳ ба сифати мусоидаткунандаи рушди иқтисоди миллӣ бемайлон густариш ёфта, сатҳу сифати таълим ба марҳилаи сифати нав ворид гардад.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

**●Мушоҳида**

## Дил ба даст овар...

Ӯ ронандаи ботамкин, ором-табиат, хушчеҳра ва хушгуфтор мебошад. Аз тарзи либоспӯшӣ рустоиро мемонад ва дар шаҳр ба мусофирбарӣ машғул аст. Дар ин вақти рӯз аксари мусофиронаш касоне буданд, ки ба аёдати бемор мерафтанд ё ба меҳмонӣ ва ё баҳри кори дигар. Дар дохили нақлиёт ду-се нафар мусофир бо якдигар сӯҳбат доштанд.

Ронанда мошинро назди зани солхӯрдае нигоҳ дошт. Бо эҳтиром ӯро ба дохил хонд. Зан баъди дар ҷойи худ нишастанаш, хост пули ронандаро диҳад. Сухани ронанда ӯро аз раъяш гардонд.

- Модарҷон, пул надиҳед, як дуо кунед, – гуфт ронанда.

Зан дасташро ба дуо бардошта, гуфт: «...аз умрат барака биёбӣ, ба мисли ман умри 80 насибат гашта, тандурусту солим бошӣ, ҳузури фарзандонро бинӣ».

Чанд лаҳза пас мӯйсафеде, ки дар дохили мусофирбар буд, ба гап ҳамроҳ шуд:

– Раҳмат, писарам. Мошин ва ронанда бисёр, вале чунин муносибатро ман хеле вақт пазмон шуда будам. Дар ҳаёт лаҳзае буд, ки ҳатто ронанда мусофирро барои надодани ҳаққи роҳкиро аз мошин фароварда буд.

Ронанда аз ин суханони неки мӯйсафед рӯҳбаланд шуда, роҳкирои ӯро низ баргардонид ва дар ҳаққаш дуо хост.

Ду нафар ҷавон, ки дар паҳлуи мӯйсафед нишаста буданд, ба ронанда ҳазломез гуфтанд:

- Бародар, магар ягон хоб дидӣ? Ё план пур шуд. Ҷавондухтаре ба сӯҳбати ҷавонон ҳамроҳ шуда: - Ба ман ҳам пул те, ман ҳам дар ҳаққат дуо мекунам, - гуфта хандид. Чанде пас дарою барои мусофирон зиёд шуд. Боз сухани яке аз ҷавонон хомӯширо шикаст: – Акаи шофёр, садақаат фоида кард, клиентҳо зиёд шуданд.

Ронанда, мӯйсафед ва кампир ба истеҳзои ҷавонон чизе нагуфтанд. Лаб фурӯ бастанду сукут ихтиёр намуданд.

Лаҳзае пас шояд тоқати мӯйсафед намонд, ки ба сухан оғоз намуд:

*Сад масҷиду сад*
*работ обод кунӣ,*
*Сад банда ба зар*
*харида озод кунӣ.*
*Сад сол ба рӯза бошиву*
*шаб ба намоз,*
*Беҳ з-он набувад, ки*
*як диле шод кунӣ.*

Бачам, шояд маблағи нагирифтаи ронанда ночиз бошаду кампир ҳам ниёзе ба бахшишҳои ӯ надошта бошад. Лекин сабзиши дарахту мева, алафу сабзазор аз хоку об вобаста бошад, сабзиши инсон бо дуост. Агар ин дуоҳо беолоиш бошанд, дар назди Худованд қабул аст. Худованд мегӯяд, ки байни ман ва бандаи мазлум парда вуҷуд надорад. Дуои мазлум рост ба ман мерасад. Бинобар ба дуо саҳл нагиред.

Шоир хеле хуб фармуда:

*Қуввати некӣ надорӣ,*
*бад макун,*
*Бар вуҷуди худ*
*ситам беҳад макун.*

Баъди ин суханони мӯйсафед, ҷавон хомӯш монд.

Бале, ҳақ ба ҷониби пирони рӯзгордида аст. Баъзан рафторҳои ҷавонон дилхарошанд. Худро дар оинаи дигарон намебинанд. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо лафзи қабеҳ ва баланд сухан мегӯянд. Ба ҳам дарафтодаву муштзӯрӣ менамоянд. Бо ин рафтор на танҳо худро ба ҷомеа мешиносонанд, балки падару модари худро низ ба эшон муаррифӣ менамоянд. Мутаассифона, баъзан ёфт мешавад волидайне, ки аз чунин рафтори фарзандонашон меноланд. Ҳатто барои ҳақ нишон додани фарзандон кӯшиш менамоянд.

... Баъд аз ду истгоҳ кампир аз мошин берун омад. Вуҷуди ронандаро фараҳу шодӣ фаро гирифта буд, зеро ӯ пул дода, гавҳар ба даст оварда буд.

***Мирзо БОБОКАЛОНОВ, «Садои мардум»***

● Рамазон фаро расид

# МОҲИ ОМУРЗИШУ ХАЙРЕВУ САХО...

Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон. Расидан ба моҳи муборaки Рамазон дуои пирони рӯзгордида аст, зеро ин моҳи раҳмат, мағфирати гуноҳҳо ва берун кардан аз азоб барои бандаи сабур беҳтарин ҳадяест аз даргоҳи Худованди бузург. Парвардигори меҳрубон боз барои бандаҳояш имконоти дигаре барои супурдани имтиҳони навбатӣ пешкаш менамояд. Пас, ин ҳадяро тариқе истифода кард, ки соҳибаш розӣ бошад.

Маънии рӯзадорӣ фақат дур будан аз хӯрдану нӯшидан набуда, балки тамоми аъзои инсон: чашму гӯш, дасту пой, даҳону забон... бояд рӯза дошта бошад. Дар ин моҳи муборак гирифтани дасти бенавое, шахсе барҷомондаву яккаву танҳо, дасти хайр дароз кардан ба сағирхонаву парасторгоҳҳо ва монанди ин амали нек ба ҳисоб мераванд.

Бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дастгирии табақаи камбизоати аҳолӣ қариб тамоми сол амалӣ мешавад. Одамони саховатпеша, корхонаву идораҳо тӯйи хатнасур, арӯсию домодии фарзандони мардуми камбизоатро пайваста доир намуда, ба ниёзмандон кӯмаки моддӣ ва молиявӣ мерасонанд. Идома ёфтани ин ташаббус дар моҳи муборaки Рамазон, албатта, ба дафтари амали хайри мардони сахӣ сабт гардида, бешак, боиси ризои Худованди меҳрубон мегардад.

Чанде пеш дар арафаи моҳи шарифи Рамазон таҳти раёсати Раиси шаҳри Душанбе Маҳмасаид Убайдуллоев бо иштироки васеи аҳли ҷамоатчигии пойтахт ҷаласаи васеъ баргузор гардид.

Ба роҳбарони бозорҳои коммуналӣ ва хусусӣ супориш ва тавсияҳо дода шуд, ки бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда фаровонии маҳсулотро баҳри дастгирии сокинон дар моҳи шарифи Рамазон таъмин намоянд. Таъкид гардид, ки мақомоти дахлдори шаҳр омодааст деҳқонон ва соҳибкорони ба интиқоли маҳсулоти ниёзи аввалия машғулро аз пардохт вобаста ба ҷамъоварии яквақтаи маблағ дар бозорҳои коммуналии шаҳр озод намояд.

Инсони рӯзадор касест, ки дар ҳама мавзеъ аз дурӯғ парҳез намуда, ҳамеша кӯшиш намояд, ки аз дасти ӯ инсоне некӣ бубинад. Нафсу танро аз хобу хӯр парҳез бинмуда, дар талоши ёфтани диле аз ҳамдилон сайъ бикунад.

Идораи рӯзнома ҳамаи мусулмононро бо фарорасии моҳи муборaки Рамазон табрик гуфта, барояшон тавфиқ, сабр ва шарафмандии тӯҳфаи Худованди мутаъолро орзу менамояд. Бо ғазале аз Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ҳамагонро бо фарорасии ин моҳи муборак шодбош мегӯем:

*Барбанд даҳон аз нон, к - омад*
*шакари рӯза,*
*Дидӣ ҳунари хӯрдан, бингар*
*ҳунари рӯза.*
*Он моҳи дусад кишвар тоҷет*
*ниҳад бар сар,*
*Барбанд миён зудтар, к - омад*
*камари рӯза.*
*З - ин олами чун сиҷҷин, барпар*
*сӯи ъиллийин,*
*Бистон назари ҳақбин зуд аз*
*назари рӯза.*
*Эй нуқраи боҳурмат, дар кӯзаи*
*ин муддат,*
*Оташ кунадат хидмат андар*
*шарари рӯза.*
*Рӯза нами Зам-Зам шуд, дар*
*Исии Марям шуд,*
*Бар торуми чорум шуд ӯ дар*
*сафари рӯза,*
*Гар рӯза зарар дорад, сад*
*гуна ҳунар дорад,*
*Савдои дигар дорад, савдои*
*сари рӯза.*
*Ин рӯза дар ин чодар, пинҳон*
*шуда чун дилбар,*
*Аз чодари ӯ бигзар, воҷу*
*хабари рӯза.*
*Сӣ рӯз дар ин дарё, по сар*
*кунию сар по,*
*То даррасӣ, эй Мавло, андар*
*гуҳари рӯза.*
*Шайтон ҳама тадбираш, в-он*
*ҳиллаву тазвираш,*
*Бишкаст ҳама тираш пеши*
*сипари рӯза.*
*Рӯза кару фарри худ хуштар*
*зи ту баргӯяд,*
*Барбанд дари гуфтан, бикшой*
*дари рӯза,*
*Шамсулҳаққи Табрезӣ ҳам сабрию*
*парҳезӣ,*
*Ҳам иди шакаррезӣ, ҳам кару*
*фари рӯза.*

*Мирзо БОБОКАЛОНОВ,*
*«Садои мардум»*

● Роҳхат ба Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон-2012

# «ШОДАМ, КИ АЗ НОМИ ТОҶИКИСТОН БАРОМАД МЕКУНАМ...»

## - мегӯяд паҳлавони шинохта Залимхон Юсуфов

Дар рӯзҳои мо ҳеҷ ҷойи тааҷҷуб нест, ки аксарияти дастаҳои варзишӣ аз лиҳози миллияти дастаҳояшон интернатсионалӣ ё худ гуногунмиллат гардидаанд. Варзишгари осиёиро дар ҳайати дастаи аврупоӣ, ҷавонмарди сиёҳпӯстеро миёни ҳамдастаҳои сафедпӯсташ ва акси инро бемалол дидан мумкин аст. Падидаи мазкурро на танҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ, ҳатто дар шаҳру навоҳии ҷумҳурии мо ҳам мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, солҳои ҳаштодуми асри гузашта дастаи «Ҳосилот»- и ноҳияи Фархор дар лигаи дуюми Чемпионати СССР оид ба футбол ҳунарнамоӣ мекард ва барои боз ҳам пурқувват гардидан сармураббӣ ва се нафар бозингарони миллаташон русро аз Москва даъват намуда буданд, ки муддати се - чор сол ин ҷо монданд. Ҳоло бошад, дастаи мазкур, ки соли аввал дар лигаи олии футболи Тоҷикистон ҳунарнамоӣ мекунад, се нафар футболбози африқойиро аз Зимбабве дар ихтиёр дорад. Беҳуда ҷаҳонишавӣ намегуфтаанд. Эҳтимол аз бисёр лиҳоз ин падидае бошад нек ва дар ваҳдати миёни халқҳо, миллатҳо, коҳиш додани тафриқаандозиҳо, миллатгароиҳо хизмате карда тавонад.

Дар иртибот бо ин гуфтаҳо, зикри онро лозим медонам, ки аз 15 нафар варзишгарони тоҷик, ки ба Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон - 2012 роҳхат гирифтаанд, ду паҳлавони умедбахш - Залимхон Юсуфов ва Николай Ноев шаҳрвандони Федератсияи Россия мебошанд.

Залимхон 19 феврали соли 1984 дар Ҷумҳурии Доғистон ба дунё омадааст. Аз хурдсолӣ ба гӯштигирӣ мароқи калон зоҳир менамуд ва оҳиста - оҳиста ин ҳаваси бачагӣ ба муҳаббати ҷиддӣ ба гӯштӣ бадал гардид. Волидону наздиконаш бо ҳама изтиробҳо аз роҳи мушкили пешгирифтаи Залимхон барои ба гӯштӣ ҷиддан машғул шудани вай фотеҳаи нек доданд ва дастгириҳоро дареғ надоштанд. Зеро онҳо хуб дарк мекарданд, ки паҳлавони ояндаро аз роҳ гардонидан заҳматест беҳосил ва аз лиҳозе убол ҳам. Аз муваффақиятҳои аввалинаш шод мешуданд. Лаҳзаҳои нобарориҳо таскинаш медоданд ва бовар мекунонданд, ки аз бартарии паҳлавоне нисбати худ озурдахотиру ноумед нагардад. Балки сабақ аз ӯ бигирад ва ифтихор кунад, ки рақибаш рақиби сазовор аст. Ба ҷойи ғами беҳуда хӯрдан иқрор шавад, ки рақиб нисбат ба ӯ бештар заҳмат ба харҷ додааст. Дар фаъолияти худи ӯ шояд камбудиҳо ҷой дошта бошад ва онҳоро мебояд пайдову бартараф намояд.

Ҳамин маслиҳати волидону устодон ва таҳаммулу танқидпазирии Залимхон ниҳоят бор овард ва ӯ яке паси дигар дар мусобиқоти гуногун ба муваффақиятҳо ноил мегардид. Залимхон Юсуфов дар намуди гӯштии тарзи озод дар вазни 66 кило баромад мекунад. Ғолиби чандкаратаи мусобиқаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ба номи Алӣ Алиев, Шамил Умахонов, Александр Медвед, Сослан Андиев ва Ҷоми ҳавзаи ҷанубии федералии Федератсияи Россия маҳсуб меёбад.

Дар иртибот бо гуфтаҳои боло хизмати паҳлавони шинохтаи тоҷик Юсуф Абдусаломов дар ривоҷу равнақи варзиши тоҷик қобили таҳсин мебошад.

- Юсуф Абдусаломов барои равнақи варзиши тоҷик кори зиёд ба анҷом расонидааст. Маҳз бо шарофати ӯ Федератсияи байналмилалии гӯштӣ соли гузашта ду қолини замонавӣ барои машқи паҳлавонон ба мо ҷудо намуд. Овардани Залимхон Юсуфови доғистонӣ ба дастаи мунтахаби гӯштии Тоҷикистон ҳам иқдоми ӯст, - мегӯяд ноиби президенти Федератсияи гӯштии Тоҷикистон Рустам Муродов.

Залимхон Юсуфов дар мусобиқаи дуюми квалификатсионии ҷаҳонӣ, ки дар шаҳри Вантааи Финляндия баргузор шуд, роҳхатро барои иштирок дар Бозиҳои XXX тобистонаи олимпии Лондон - 2012 ба даст овард.

Залимхон дар вазни худ дар ин мусобиқа яке паси дигар Адам Сорбирая (Полша), Соҳит Призрени (Албания) ва Иннокентий Иннокентиевро аз Қирғизистон мағлуб намуда, дар даври ниҳоӣ ба Соҳин Рамазон (Туркия) дастболо гашт.

- Шодам, ки дар олимпиада аз номи Тоҷикистон баромад мекунам ва сарфароз мегардам, агар бо пирӯзӣ ин боввариро тақвият бубахшам, - мегӯяд Залимхон.

Мо барои Залимхон Юсуфов барор мехоҳем.

*Мирзо РУСТАМЗОДА,*
*«Садоим мардум»*


# ЭЪЛОН

## Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

### барои соли таҳсили 2012 – 2013 қабули донишҷӯёнро аз рӯйи ихтисосҳои зерин эълон менамояд:

***I. Факултети филология:***
а) забон ва адабиёти тоҷик;
б) забон ва адабиёти рус;
в) забони хориҷӣ (англисӣ);
г) забони хитойӣ;
д) таҳсилоти ибтидоӣ;
е) санъати мусиқӣ.

***II. Факултети таърих:***
а) таърих - ихтисоси иловагӣ (ҳуқуқ);
б) таърих - бостоншиносӣ.

***III. Факултети математика – информатика:***
а) математика – информатика;
б) физика – информатика;
в) физика – эҷодиёти касбӣ;
г) технология ва эҷодиёти техникӣ.

***IV. Факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ***
а) биология – химия;
б) география – биология;
в) тарбияи ҷисмонӣ;
г) тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ.

***V. Факултети менеҷмент:***
а) менеҷменти иҷтимоӣ (маориф);
б) баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар соҳаи маориф;
в) менеҷмент дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ;
г) саёҳат ва меҳмондорӣ.

Вобаста ба дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи ҷаҳонии таълимӣ, хатмкунандагони Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент соҳиби маълумоти олии касбӣ – «бакалавр» ва дипломи намунаи давлатӣ мегарданд.

Мӯҳлати таҳсил дар шӯъбаи рӯзона - 4 сол ва ғоибона – 5 сол мебошад. Онҳое, ки дорои маълумоти олии касбӣ буда, хоҳиши гирифтани ихтисоси дуюм доранд, ба тариқи сӯҳбат ва қарори комиссияи аттестатсионӣ, вобаста ба касбашон, ба курсҳои 2 – 3 қабул карда мешаванд.

Донишкада дар асоси иҷозатномаи АУ №0000400, ки 29 июни соли 2007 аз тарафи Хадамоти аттестатсионии давлатӣ дода шудааст, ҳуқуқи фаъолияти таълимиро аз рӯйи ихтисосҳои дар боло номбаршуда доро мебошад.

**Довталабон ба комиссияи қабул бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоянд:**
1. Ариза ба номи ректор (дар комиссияи қабул)
2. Ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти миёна (пурра) ва миёнаи касбӣ (намунаи давлатӣ, аслаш)
3. Маълумотномаи тиббӣ (шакли 086-У)
4. Маълумотнома аз ҷойи муқимии зист
5. Расми андозааш 3 х 4 – 6 адад
6. Шиноснома (ё шаҳодатномаи таваллуд) шахсан пешниҳод карда мешавад
7. Билети ҳарбӣ (ё шаҳодатномаи ҳарбии даъватшаванда) шахсан пешниҳод карда мешавад
8. Нусха аз дафтарчаи меҳнатӣ (агар собиқаи корӣ дошта бошад)
9. Шартнома – (варақаҳои он дар комиссияи қабул мавҷуданд).

Дохилшавандагони шӯъбаҳои ғоибона инчунин бояд маълумотнома аз ҷойи кор пешниҳод кунанд.

Таҳсил шартномавӣ буда, ҳаққи таҳсил пешпардохт мешавад.

Бо қарори Шӯрои муассисон ҳаққи таҳсил ба ҳадди ақали пардохти мактабҳои олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст.

Рӯйхати тақрибии саволҳо барои имтиҳонҳои довталабон дар комиссияи қабул мавҷуд аст.

Донишҷӯёни шӯъбаи рӯзона дар давраи таҳсил аз хизмати ҳарбӣ озод карда мешаванд.

Мӯҳлат, тартиби гузаронидани имтиҳонот, натиҷаҳои онро комиссияи қабул муқаррар менамояд.

Қабули ҳуҷҷатҳо - аз 1 июни соли 2012.

***Суроғаи мо: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ 104. Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон.***

Тел: **8 (3475)5-40-50**. Тел /факс **8 (3475)5-60-77** Моб: **(992) 92-741-05-69** Моб: **(992) 92-722-28-05** Email: **tou@bk.ru www.dotpanj.tj**

***Довталабон, ба Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон марҳамат намоед!***

***Комиссияи қабули Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон.***



## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 21 августи соли 2012 музоядаи №18-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд

1. Қитъаи фурӯши гази моеъи ноҳияи Шаҳритуси КВ фаръии «Қӯрғонтеппагаз»-и Корхонаи воҳиди давлатии «Нафту газ ва ангишт», суроға: ноҳияи Шаҳритус, бо нархи ибтидоии 100 000 сомонӣ.

2. Бино ва иншоотҳои мошинсаройи ҶСК «Истаравшангаз», суроға: шаҳри Истаравшан, кӯчаи Куришев 45, бо нархи ибтидоии 646414 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- хиёбони Рӯдакӣ 44, ш. Душанбе, тел: 221-73-74, 221-16-14 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-96-40-16.

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад. Музояда **соати 10$^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-96-40-16, сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 21 августа 2012 года проводит аукцион №18 по продаже недвижимости

1. Пункт продажи сжиженного газа Шахритусского района, Дочерного предприятия «Қӯрғонтеппагаз» ГУП «Нафту газ ва ангишт», адрес: Шахритусский район, со стартовой стоимостью 100 000 сомони.

2. Здание и сооружение автотранс ОАО «Истаравшангаз», адрес: г. Истаравшан, ул. Куришева 45, со стартовой стоимостью 646 414 сомони.

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44.

Метод проведения: **английский.** Время проведения **10$^{00}$** часов. Место проведения: город Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, г. Худжанд, ул. Ленина 47/1, тел: 927-96-40-16.

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74**, на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyada-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**



## ГАЛЕГА-НОВА ДАВОИ НАВИ БЕЗАРАР БАР ЗИДДИ ДИАБЕТИ ҚАНД




Дар ҷаҳони муосир беморон кӯшиш мекунанд, ки ҳангоми табобат то ҳадди имкон аз воситаҳои синтетикӣ камтар ва аз гиёҳу фитопрепаратҳо бештар истифода баранд. Охир воситаҳои кимиёвӣ як ҷойи касро шифо бахшад, ба ҷойи дигараш зарар мерасонад. Беҳуда нест, ки дар кишварҳои рушдкарда ба доруҳои кимиёвӣ танҳо дар сурати зарурати сахт рӯ меоранд (агар наркоз, воситаҳои сахттаъсир, таскинбахшҳои пурзӯр ва ғайра даркор шаванд). Инро ба инобат гирифта, корхонаи илмӣ-тадқиқотии «Биолит»-и Федератсияи Россия воситаи универсалии босамареро дар шакли хурӯшаҳо бо номи «ГАЛЕГА-НОВА» коркард намудааст. **ГАЛЕГА-НОВА** барои
**-табобати бемории диабети қанди навъҳои 1-2 ва пайтаъсирҳои (осложнение) он;**
-таъсири диабети қанд ба чашмон, гурдаҳо, пойҳо;
-шаклҳои гуногуни фарбеҳӣ; бемории варикозӣ;
-тарбод (ревматизм) ва мафосил (подагра) истифода бурда мешавад.
-шахсони бо инсулин вобаста ҳам метавонанд истифода баранд.
Инчунин таъсири зиддисклерозӣ дошта, рагу пайвандҳоро мустаҳкам мекунад.
**-Сатҳи глюкоза ва холестеринро дар хун паст мекунад.**
Бо доруҳои кимиёвӣ барои муолиҷаи диабети қанд истеъмол намудани ГАЛЕГА-НОВА, имкон медиҳад ба маротиб истифодаи доруҳои кимиёвиро кам намоед. Ҳангоми истифодаи ГАЛЕГА-НОВА, шахси дардманд беҳбудии саломатиашро баръало ҳис хоҳад кард.
Истеъмол: дар як рӯз се бор 1-қошуқчагӣ 20 дақиқа пеш аз хӯрок дар 100 мл оби гарм омехта нӯшед.
**Давомнокии истеъмол** аз 30 то 90 рӯз. Танаффус ду-се ҳафта ва такрор то ду-се бор дар 1 сол.
**Ба номгӯйи «100 маҳсулоти беҳтарини Россия» дохил шудааст. Аз дорухонаҳо харидорӣ намоед.**
**Тел: ш. Душанбе 918-47-93-93, вилояти Суғд ва ноҳияҳои он: 985-33-33-17. Нархаш аз 33- 45 сомонӣ**

## «КРАСНЫЙ КОРЕНЬ» - (СУРХРЕША)




***(ВИТАМИНҲОИ ЗИНДАИ ТАБИАТ)***
СУРХРЕША (КРАСНЫЙ КОРЕНЬ) номи мардумии растании камёфтест, ки дар кӯҳҳои баланд мерӯяд. Аз замонҳои қадим СУРХРЕШАро барои мубориза бо бемориҳои мардона истифода мебурданд. Дар бораи он ки гиёҳ чӣ тавр қувваи мардиро зиёд мекунад, нақлҳои зиёде паҳн шудаанд.
Ҳангоми илтиҳоби ғадуди простата - простатит, яке аз бемориҳои паҳншудаи мардона, СУРХРЕША ба беҳшавии гардиши хун, кушодаву рафъ шудани қарорахо дар ғадуди простата, эҳёи фаъолнокии ҷинсии мардона мусоидат мекунад.
Аденома, ки ба «дили мард» - ғадуди простата зарба мерасонад, дар марҳилаи ибтидоӣ хатарнок нест ва агар сари вақт табобати онро бо СУРХРЕША кунед, инкишофашро пешгирӣ кардан мумкин аст.
СУРХРЕША кӯмаки пурзӯр мерасонад, ба пурра холӣ шудани пешобдон мусоидат менамояд, зудии пешобкуниро, хусусан шабона, кам месозад.
Тавре маълум аст, бисёр вақт коҳишёбии фаъолнокии ҷинсӣ сабабгори шикастҳои ҳаётӣ мегардад.
СУРХРЕША - гиёҳи шифоии босамар бо таъсири нарму мулоим ба барқароршавии фаъолияти ҷинсии мардон такон медиҳад.
**Тарзи истеъмол:** Шишача 50 мл бо чакрарез рӯзе ду бор ба таги забон 10-20 чакра чакконда истеъмол намоянд.
Давраи истеъмол - 1 моҳ.
СУРХРЕША (КРАСНЫЙ КОРЕНЬ) дар таркибаш спирт ва қанд надорад, бинобар ин ба фарқ аз маҳсулоти дигар истеҳсолкунандагон барои ашхоси гирифтор ба як қатор бемориҳо, аз қабили диабет, атеросклероз, фарбеҳӣ ва ғайра зарар надорад.
**Рақам барои алоқа:**
**ш.Москва (495) 921 44 54, www.merkana.ru ш. Душанбе 918 47 93 93**
**Аз дорухонаҳо пурсон шавед.**

## ÁÎÐÎÂÀß ÌÀÒÊÀ (äàâîè çàíîíà)




**(ВИТАМИНҲОИ ЗИНДАИ ТАБИАТ)**
БОРОВАЯ МАТКА - ҳадяест барои занҳо, зеро дар навбати аввали он ба узвҳои занона таъсир мерасонад. Вале бо ин хусусиятҳои шифоии гиёҳ маҳв намешавад, беҳуда нест, ки мардум БОРОВАЯ МАТКА -ро «давои чил дард» медонанд.
Ин растанӣ аз қадим дар тибби мардумӣ кор бурда мешавад. Дар солҳои охир тибби анъанавӣ ҳам аз он ҳангоми табобати бемориҳои гинекологии илтиҳобӣ фаъолона истифода мебарад. Ғайр аз ин, он ҳангоми табобати комплексии бенаслӣ, хунравиҳо аз бачадон, токсикоз, вайроншавии давраи ҳайз, часпидани батну найҳо, халалдоршавии гузариш аз найчаҳои бачадон истифода мешавад.
БОРОВАЯ МАТКА таъсири пешоброн дошта, ҳини табобати равандҳои илтиҳобӣ дар гурдаҳо ва пешобдон самарабахш аст.
Гиёҳи БОРОВАЯ МАТКА кори тамоми системаи ҷинсӣ ва пешоброни занро беҳ мегардонад.
Маҳсулоти БОРОВАЯ МАТКА дар асоси технологияҳои баланд истеҳсол шудааст, дар Федератсияи Россия мислу монанд надорад. Бартарии ӯ аз гиёҳҳои хушк кардашудаи БОРОВАЯ МАТКА 3-4 маротиба афзалиятноктар аст.
**Тарзи истеъмол:** Калонсолон ва кӯдакони аз 14-сола боло рӯзе 2 бор ба таги забон 10-20 чакра чакконда, истеъмол намоянд. Давраи истеъмол - як моҳ.
БОРОВАЯ МАТКА дар таркибаш спирт ва қанд надорад, бинобар ин ба фарқ аз маҳсулоти дигар, истеҳсолкунандагон барои ашхоси гирифтор ба як қатор бемориҳо, аз қабили диабет, атеросклероз, фарбеҳӣ ва ғайра зарар надорад.
**Телефон барои маълумот**: ш.Москва (495) 921 44 54, WWW. merkana.ru ш. Душанбе 918 47 93 93
**Аз дорухонаҳо пурсон шавед.**


## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢ Патенти №0138961 дорои РЯМ 3530016784-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи А. Ҷомӣ 19 октябри соли 2010 ба Солиев Маҳмадлатиф Баротович додааст, эътибор надорад.

➢ Патент бо РЯМ 0130010192-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 5 феврали соли 2010 ба Арипова Майсара Киямовна додааст, эътибор надорад.

➢ Номаи камоли силсилаи БП № 685970-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №4-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли 1979 ба Авғонова Хатича додааст, эътибор надорад.

➢ Шаҳодатномаи тӯҳфашуда таҳти феҳристи №9Д-2022-и гумшуда , ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино бо суроғаи кӯчаи И. Сомонӣ, бинои 71/1, 5 ноябри соли 2008 ба Халилова Зулфия Абдугафаровна додааст, эътибор надорад.

➢ Варақаи замимаи дипломи силсилаи ҶТ № 007747 –и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №3-и шаҳри Душанбе соли 1994 ба Маҳмадиева Парвина Амиршоевна додааст, эътибор надорад.

➢ Шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи №8Д-12-32-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фрунзе (ҳоло Сино) 7 марти соли 2001 бо суроғаи 2-юм гузаргоҳи кӯчаи Ғафуров, бинои 9 ҳуҷраи 23 ба Худойназарова Зуҳро Урмоновна додааст, эътибор надорад.

➢ Патенти № 0027904-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 14 январи соли 2010 ба Юлдошев Ҳасан додааст, эътибор надорад.

➢ Шаҳодатномаи бақайдгирии №10650-и гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Рӯдакӣ, бо суроғаи деҳаи Мавҷи ноҳияи Рӯдакӣ 26 июли соли 1989 ба Худойназаров Саид додааст, эътибор надорад.

➢ Номаи камоли таҳти қайди № 14-и гумшуда, ки онро Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №7-и ноҳияи Москва (ҳоло Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ)-и вилояти Хатлон 9 июли соли 1996 ба Раҷабов Шералӣ Нуралиевич додааст, эътибор надорад.

➢ Дипломи ЕТ-1 № 066672-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе соли 1984 ба Тен Нонна Анатольевна додааст, эътибор надорад.

➢ Шартномаи хариду фурӯши таҳти феҳристи №8ДА-2022-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фрунзе (ҳоло Сино)-и шаҳри Душанбе 17 декабри соли 1992 бо суроғаи кӯчаи А. Ҷомӣ, бинои 42/3, ҳуҷраи 4 ба Ҷумабаева Роҳбархон Алимҷановна додааси, эътибор надорад.

➢ Шиносномаи техникии №2772-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Расулов, ҳавлии № 71/7-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 22 майи соли 2008 ба Шамсов Ҳусайн додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

➢ Шаҳрванд Ҷабборов Абдуқаюм Сатторович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0124866 бо РЯМ 0430060318 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Сино 23 сентябри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ Шаҳрванд Олимов Зоҳирҷон Маҷидович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0105366 бо РЯМ 0930033583 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 1 июли соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ Шаҳрванд Муродов Абдукарим Маҳмадалиевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0049938 бо РЯМ 0930015222 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 14 ноябри соли 2007 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ Шаҳрванд Юсупов Муродалӣ Сафаралиевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 6105766 бо РЯМ 0930037094 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 26 августи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ Шаҳрванд Шарофидинов Бобокалон Қудратович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0201257 бо РЯМ 0430102705 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 19 январи соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ Шаҳрванд Шералиев Маҳмудҷон Нормуродович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0210242 бо РЯМ 0930058076 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 9 январи соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ Шаҳрванд Ёров Мирочиддин Қурбоналиевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0206140 бо РЯМ 1630013624 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шаҳринав 7 марти соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ Ташкилоти ҷамъиятии «Машварат баҳри рушд», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Махсум, бинои 85/3, ҳуҷраи 25 мебошад, фаъолияташро қатъ менамояд.

➢ ҶДММ «Тадж Билд Инжиниринг», воқеъ дар кӯчаи Беҳзод 25, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум
«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.
ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852
САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ
ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов
Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.
НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru
Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз
Ба чопаш 20 июли соли 2012, соати 17.20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 24137 нусха
Навбатдорони шумора А. Муродов ва А. Мӯсоев
Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова